МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН

# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ
# Чаҳорчӯби ҳамкорӣ оид ба рушди устувор барои солҳои 2023-2026

Июни 2022

## Эъломия дар бораи уҳдадорӣ

Ҳукумати Тоҷикистон ва СММ барои кори муштарак ҷиҳати ноил шудан ба афзалиятҳои кишвар уҳдадор мебошанд:

- » Стратегияи миллии рушд (СМР-2030) и Барномаи миёнамуддати рушд (БММР);
- » Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳадафҳои миллӣ;
- » Уҳдадориҳои Тоҷикистон дар бахши ҳуқуқи инсон ва дигар ҳадафҳои мувофиқашудаи байналмилалӣ ва минтақавии рушд ва уҳдадориҳои шартномавӣ.

Чаҳорчӯби ҳамкорӣ оид ба рушди устувор, ки минбаъд Чаҳорчӯби ҳамкорӣ номида мешавад, ба муваффақиятҳои ҳамкориҳои қаблии мо асос меёбад. Он уҳдадории муштарак барои ҳамкорӣ ҳамчунин бо шарикони кишварӣ ҷиҳати ноил шудан ба афзалиятҳои Тоҷикистон ва рӯзномаи рушди устувор мебошад. Интизор меравад, ки тағйироти гузаришӣ, ки дар натиҷаи ҳамкорӣ ба вуҷуд меоянд, ба рушди устувори иқтисодӣ ва ташкил намудани ҷойҳои кории муносиб, баланд бардоштани сатҳи самарабахшӣ ва гузоришдиҳии муассисаҳои давлатӣ ва пешниҳоди хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва ҳамчунин ҳамгироии иҷтимоӣ ва устувории бештар қавӣ мусоидат намояд.

Бо имзо намудани ҳуҷҷат, шарикони ҳамкорӣ чаҳорчӯби мазкури ҳамкориро тасдиқ намуда, уҳдадориҳои муштараки худро барои расидан ба натиҷаҳои он таъкид мекунанд.

| | |
|---|---|
| **Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Дастаи кишварии СММ** |
| **ҷаноби Қоҳир Расулзода** | **хонум Сезин Синаноглу** |
| **Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон** |

## Имзоҳо

Барои тасдиқи ин, идораҳои дар поён имзокунандаи[1] ваколатдор ин Созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Чаҳорчӯби ҳамкорӣ оид ба рушди устуворро барои солҳои 2023-2026 7 июни соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида, уҳдадории муштараки худро ба афзалиятҳои он ва натиҷаҳои ҳамкорӣ таъкид намуданд.

| Идораҳои СММ | Ном ва вазифа | Имзо |
|---|---|---|
| | | |
| **ФАО** | Ҷ-би Олег Гучгелдиев, Намоянда | |
| **Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ (ИФАД)** | Ҷ-би Микаел Каутту, Директори кишварӣ | |
| **Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат** | Х-м Олга Кулаева, Директори гурӯҳи кӯмаки техникӣ оид ба масъалаҳои меҳнати арзанда ва Бюрои ТБМ барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ | |
| **Созмони Байналмилалии Муҳоҷират** | Х-м Кристина Транка, Роҳбари миссия | |
| **Дафтари комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон** | Ҷ-би Ришард Коменда, Намояндаи минтақавии Раёсати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ | |
| **ЮНЭЙДС** | Ҷ-би Эмонн Мерфи, и.в. Директори минтақавӣ, Идораи минтақавии ЮНЭЙДС барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ | |
| **ЮНКТАД** | Х-м Сезин Синаноглу, Ҳамоҳангсози Доимӣ *аз номи* Х-м Изабел Дюран, Муовини Директори Генералӣ | |
| **Барномаи Рушди СММ** | Ҷ-би Ленни Монтиел, Намояндаи Доимӣ | |
| **Барномаи СММ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ** | Ҷ-би Октавиан Бивол, Роҳбар, Дафтари минтақавӣ, Аврупо ва Осиёи Марказӣ | |
| **Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ** | Ҷ-би Дмитрий Марьясин, Муовини котиби иҷроӣ | |
| **ЮНЕСКО** | Ҷ-би Генс Сейти, Директор оид ба муносибатҳои беруна | |
| **Хазинаи нуфуси СММ (ЮНФПА)** | Ҷ-би Ю Ю, Роҳбари кишварӣ | |
| **Раёсати Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо** | Ҷ-би Мулугета Зевди, Намоянда | |
| **ЮНИСЕФ** | Ҷ-би Осама Маккави, Намоянда | |
| **Созмони СММ оид ба рушди саноат (ЮНИДО)** | Ҷ-би Ясек Сукровский, Роҳбари дафтари минтақавии ҳамоҳангсозӣ, Аврупо ва Осиёи Марказӣ | |
| **Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ** | Х-м Ашита Миттал, Намояндаи Доимӣ дар Осиёи Марказӣ | |
| **Дафтари хадамоти проҷаҳои СММ (ЮНОПС)** | Ҷ-би Моин Карим, Директори минтақавӣ, Аврупо ва Осиёи Марказӣ | |
| **Ихтиёриёни СММ** | Х-м Римма Сабаева, Менеҷери минтақавӣ, Аврупо ва ИДМ | |
| **СММ Занон** | Х-м Алиа Эл-Яссир, Директори минтақавӣ, Аврупо ва Осиёи Марказӣ | |
| **Барномаи Озуқавории Ҷаҳонӣ** | Ҷ-би Адҳам Мусаллам, Намоянда/Роҳбари кишварӣ | |
| **Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ** | Д-р Виктор Олшавски, Намоянда/Роҳбари дафтари кишварӣ | |

[1] Идораҳои СММ ба тартиби алифбо.

## Тавсифи мухтасар

Чаҳорчӯби ҳамкорӣ оид ба рушди устувор дар байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид (СММ) аз афзалиятҳои стратегии кишвар асос ёфтааст: Стратегияи миллии рушд (СМР) ва Барномаи миёнамуддати рушд (БММР), Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ва ҳадафҳои миллӣ[2], ӯҳдадориҳои Тоҷикистон дар бахши ҳуқуқи инсон, вокуниши муассир ва барқароршавӣ пас аз пандемияи COVID-19.

Дар консепсияи рушди миллӣ омадааст: *" кишвари дорои рушди устувор ва рақобатпазир аст, ки аҳолии он аз сатҳу сифати арзандаи зиндагӣ бо имкониятҳои баробар барои татбиқи нерӯи инсонӣ дар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиромгузорӣ ба шаъну шарафи инсон баҳра мебаранд."*[3]. Ба туфайли СМР-2030 Тоҷикистон дар самти расидан ба ҲРУ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид[4]. Сарфи назар аз он ки сатҳи камбизоатӣ коҳиш ёфтааст, дар Ҳисоботи миллии ихтиёрии Тоҷикистон таъкид карда мешавад, ки ҳар шахси чаҳорум ба камбизоатии бисёрҷанба осебпазир аст[5].

Бо мақсади вокуниш, Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ба фарогирии гурӯҳҳои осебпазир диққат медиҳад, то кафолат диҳад, ки онҳо дар канор нахоҳанд монд. Натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ дар шарикии васеъ бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гурӯҳҳои ихтиёрӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, доираҳои илмӣ, воситаҳои ахбори омма, бахши хусусӣ ва шарикони байналмилалӣ ба даст оварда мешаванд. Ҳукумати Тоҷикистон ва системаи СММ барои ноил шудан ба натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ *масъулияти муштарак* доранд.

Се афзалияти стратегии ҳамкорӣ ва чаҳор натиҷаи ниҳоӣ вуҷуд доранд.

| Афзалиятҳои стратегӣ | Натиҷаҳои ниҳоӣ |
|---|---|
| **Афзалияти стратегии I. Рушди фарогири инсонӣ** | **Натиҷаи ниҳоии I . Рушди фарогири инсонӣ**<br>То соли 2026 системаҳо ва хидматрасониҳои тандурустӣ, амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ бештар самарабахш, фарогир, ҳассос ба масъалаҳои гендерӣ ва ба таври муносиб маблағгузорӣ карда мешаванд. |
| **Афзалияти стратегии II. Шукуфоии умумии устувор ва рушд бо дарназардошти тағйирёбии иқлим** | **Натиҷаи ниҳоии 2. Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисодӣ**<br>То соли 2026 муассисаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ барои татбиқи барномаҳои стратегӣ, тадбирҳои инноватсионӣ ва мутобиқ бо ҷанбаҳои гендерӣ оид ба иқтисоди "сабз" ва васеъ намудани фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳамкорӣ хоҳанд кард.<br>**Натиҷаи ниҳоии 3. Идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ**<br>То соли 2026 идоракунии захираҳои табиӣ бар асоси сиёсатҳо ва амалҳои ҳамгирошуда ҷиҳати беҳтар кардани мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини воситаҳои рӯзгузаронии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ фарогир ва устувор хоҳад шуд. |
| **Афзалияти стратегии III. Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда** | **Натиҷаи ниҳоии 4. Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда**<br>То соли 2026 идоракунӣ бештар фарогир, шаффоф ва гузоришдиҳанда мегардад, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ва коҳиш додани |

[2] Ниг.: https://sustainabledevelopment.un.org/post2015/transformingourworld, http://unstats.un.org/sdgs/indicators/indicators-list/
[3] СМР 2030, 8.
[4] Sachs, J. et al., 2020, The Sustainable Development Goals and COVID-19, Sustainable Development Report 2020. (Сакс ва дигарон, 2020, Ҳадафҳо дар бахши рушди устувор ва COVID-19, Гузориш оид ба рушди устувор, 2020).
[5] Ҳукумати Тоҷикистон, 2017, Ҳисоботи миллии ихтиёрии Тоҷикистон, 9.

| Афзалиятҳои стратегӣ | Натиҷаҳои ниҳоӣ |
|---|---|
| | сатҳи зӯроварӣ ва табъиз мутобиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат хоҳад кард. |

Ҳадафи ҳамкорӣ ба даст овардани як қатор тағйироти андозагиришавандаи ба ҳам алоқаманд ҳам дар сатҳи институтсионалӣ ва ҳам дар сатҳи ҷомеа мебошад. Он ба Тоҷикистон дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум бар асоси рушди устувори иқтисодӣ ва имкониятҳои баробар барои ҳар инсон ҷиҳати амалӣ намудани потенсиали худ бар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтироми шаъну шарафи инсон мусоидат хоҳад кард[6].

Механизмҳои ноил шудан ба натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

» **Кумитаи роҳбарикунандаи** Чаҳорчӯби ҳамкорӣ, ки аз ҷониби Ҳукумат ва Ҳамоҳангсози доимии СММ ҳамраисӣ карда мешавад, барои таъмини роҳнамоии стратегӣ ва самтҳои татбиқи умумии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ.

» **Гурӯҳи идоракунии барномаҳо** барои таъмини ҳамоҳангсозии техникии татбиқи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ. Он ноил шудан ба натиҷаҳои банақшагирифташудаи Чаҳорчӯби ҳамкориро пайгирӣ намуда, ба Кумитаи роҳбарикунанда ва Гурӯҳи кишварии СММ оид ба имкониятҳо ва мушкилот дар муҳити тағйирёбандаи барнома маслиҳат медиҳад.

» **Гурӯҳҳо оид ба натиҷаҳои ниҳоӣ**, ки аз кормандони барнома иборат мебошанд, татбиқи самарабахш, ҳамоҳангшуда, мониторинг ва гузоришдиҳӣ дар бораи натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкориро таъмин хоҳанд кард.

» **Нақшаҳои муштараки корӣ** барои натиҷаҳои ниҳоӣ, ки натиҷаҳои миёнамуддат, шохисҳо, нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, ҳадафҳо, воситаҳои тафтиш, инчунин фарзияҳо ва хавфҳо, аз ҷумла сохтори умумии буҷетро нишон медиҳад.

» **Баррасиҳои солона**, ки ба шарикон имконият медиҳад, ки натиҷаҳо ва стратегияи Чаҳорчӯби ҳамкориро мутобиқ созанд ва барои инъикоси тағйирот дар шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва афзалиятҳои нави пайдошаванда ислоҳот ворид намоянд.

» **Гузориши солонаи кишварӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти СММ**, ки натиҷаҳои воқеии миёнамуддати бадастомадаро дар муқоиса бо натиҷаҳои нақшаи кории муштарак ва пешрафт дар самти натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ, инчунин афзалиятҳои кишвар ва ҳадафҳои вобаста ба ҲРУ-ро тавсиф менамояд.

Мутобиқи интизориҳои мардум ва Ҳукумати Тоҷикистон, системаи СММ ҷиҳати истифода аз афзалияти муқоисашавандаи худ ва кори бештар самарабахши муштарак бо шарикони кишвар барои ноил шудан ба афзалиятҳои кишвар ва барномаи рушди устувор талош менамояд. Бартараф кардани мушкилоти сохторӣ дар чаҳорчӯби ҳар натиҷаи ниҳоӣ, рушди воқеии потенсиали берун аз доираи омӯзишро барои рушди малакаҳои амалӣ ва дастгирии густариши таҷрибаҳои беҳтарин талаб мекунад. Ҳамкории бештар мунтазам ва назаррас *дар байни* гурӯҳҳо оид ба натиҷаҳои ниҳоии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва сохторҳои ҳамоҳангсозии донорҳо барои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва бартараф намудани камбудиҳои маблағгузорӣ муҳим аст.

Интизор меравад, ки тағйироти гузаришӣ дар натиҷаи ҳамкорӣ ба рушди устувори иқтисодӣ ва ташкили ҷойҳои кории муносиб, баланд бардоштани сатҳи самарабахшӣ ва ҳисоботдиҳии муассисаҳои давлатӣ ва пешниҳоди хидматрасониҳои асосӣ, инчунин ҳамгиросозӣ ва устувории бештар қавии иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард.

[6] СМР-и Тоҷикистон, Тоҷикистон дар соли 2030, 8.

## Мундариҷа


Эъломия дар бораи ухдадорӣ....................i

Имзоҳо....................ii

Тавсифи мухтасар....................iii

1. **Муқаддима**....................1

Ҳадафи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ....................1

Сохтори Чаҳорчӯби ҳамкорӣ....................1

**2. Пешрафт дар татбиқи Рӯзномаи барои давраи то соли 2030 ....................3**

2.1 Контексти кишварӣ....................3

2.2 Осебпазирӣ....................4

2.3 Имкониятҳо....................5

**3. Ҳамкорӣ барои ҳалли вазифаҳои афзалиятдори кишвар....................6**

3.1 Аз таҳлили кишварӣ ба афзалиятҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ....................6

3.2 Назарияи тағйирот....................7

3.3 Натиҷаҳои ниҳоии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва шарикӣ....................13

**4. Нақшаи амалисозӣ....................24**

4.2 Сохтори идоракунӣ....................24

4.3 Бо захираҳо таъмин намудани чаҳорчӯби ҳамкорӣ....................25

4.4 Амалиёти оператсионӣ барои дастгирӣ кардани иҷрои чаҳорчӯби ҳамкорӣ....................26

**5. Мониторинг, арзёбӣ ва омӯзиш....................27**

5.1 Мониторинг....................27

5.2 Баррасии солонаи натиҷаҳои фаъолият, ҳисоботдиҳӣ ва арзёбӣ....................28

**Замимаи А. Матритсаи натиҷаҳо....................29**

**Замимаи В. Натиҷаҳои чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва ухдадориҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон..30**

**Замимаи С. Замимаи ҳуқуқӣ....................31**

**Рӯйкарди ҳамоҳангшуда нисбат ба интиқоли маблағҳо (НАСТ)**....................34

## Ихтисораҳо

### Муассисаҳои миллӣ

| | |
|---|---|
| ИИД | Институти иқтисодиёт ва демография |
| АНДМК | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия |
| АХҶ | Агентии хоҷагии ҷангал |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ |
| АСИН | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ |
| КҲФ | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶТ |
| КҲМЗ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ |
| КБО | Кумитаи бехатарии озуқаворecho назди Ҳукумати ҶТ |
| КДСИА | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатӣ |
| | |
| ККЗО | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ |
| | |
| КРМ | Кумитаи рушди маҳали назди Президенти ҶТ |

| | |
|---|---|
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВФ | Вазорати фарҳанг |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМвИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ВКХ | Вазорати корҳои хориҷӣ |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВСТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| ВКД | Вазорати корҳои дохилӣ |
| ВА | Вазорати адлия |
| ВМШ | Вазорати меҳнат ва шуғл |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| БРМ | Барномаи рушди миёнамуҳлат |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| СМР | Стратегияи милии рушд то соли 2030 |
| КДАМ | Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (идоракунии сарҳад) |
| АО | Агентии омори назди Президенти ҶТ |
| КРС | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ |

### Системаи СММ

| | |
|---|---|
| ФАО | Созмонии озуқаворӣ ва кишоварзӣ |
| ХБРК | Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалии меҳнат |
| ХБА | Хазинаи байналмилалии асъор |
| СБМ | Созмони байналмилалии муҳоҷират |
| РКОҲИ | Раёсати комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон |
| ГИА | Гурӯҳи идоракунии амалиётҳо |
| ГИБ | Гурӯҳи идоракунии барномаҳо |
| ЮНАЙДС | Барномаи муттаҳидаи СММ оид ба ВНМО /БПНМ |
| ДК СММ | Дастаи кишварии СММ |
| ЮНКТАД | Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд |
| БРСММ | Барномаи рушди СММ |
| БПХОТ СММ | Барномаи СММ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ |
| КИА СММ | Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ |
| ЮНЕСКО | Идораи СММ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг |

| | |
|---|---|
| ЮНФПА | Хазинаи нуфуси СММ |
| КОГ СММ | Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо |
| ЮНИСЕФ | Хазини кӯдакони СММ |
| ЮНИДО | Идораи СММ оид ба рушди саноат |
| РМНҶ СММ | Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ |
| ЮНОПС | Идораи СММ оид ба хизматрасонии лоиҳаҳо |
| ҲДСММ | Ҳамоҳангсози доимии СММ |
| ГРУ СММ | Гурӯҳи СММ оид ба рушди устувор |
| Ихтиёриёнии СММ | Ихтиёриёни СММ |
| СММ Занон | Идораи СММ оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ, афзоиш додани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон |
| БОҶ | Барномаи озуқаврии ҷаҳонӣ |
| БҶ | Бонки ҷаҳонӣ |
| ТУТ | Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ |

### Дигар мафҳумҳо

| | |
|---|---|
| ЧФБМ | Чораҳои фаъол дар бозори меҳнат |
| ТУК | Таҳлили умумии кишварӣ |
| ЧҲ | Чаҳорчӯби ҳамкорӣ оид ба рушди устувор |
| $CO_2$ | Диоксиди карбон |
| СҶШ | Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| ПХО | Паст кардани хавфи офатҳо |
| МАШОМ | Минтақаҳои Аврупои шарқӣ ва Осиёи марказӣ |
| РТКСХ | Рушди/тарбияи кӯдакони синни хурд |
| СМХ | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| ХГЭ | Хазинаи глобалии экологӣ |
| БГАҲИЗ | Баробарии гендерӣ ва афзоиш додани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои занон |
| НРИ | Нишондиҳандаи рушди инсонӣ |
| ГГ | Газҳои гулхонаӣ |
| МА | Мониторинг ва арзёбӣ |

| | |
|---|---|
| МБС | Меъёрҳои байналмилалии санитарӣ |
| НБМ | Ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ |
| | |
| СБЭ | Созишномаи бисёрҷонибаи экологӣ |
| БҒ | Беморихои ғайрисироятӣ |
| СҒД | Созмони ғайридавлатӣ |
| ИВМД | Идоракунии воситаҳои молиявии давлатӣ |
| ИДМ | Инсони дорои маъюбият |
| ГН | Гурӯҳҳо оид ба натиҷаҳои ниҳоӣ |
| КР | Кумитаи роҳбарикунандаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |
| КХМ/МК | Корхонаҳои хурду миёна / муассисаи кишоварзӣ |
| МД | Муассисаи давлатӣ |
| ТОКТ | Таҳсилот ва омӯзиши касбӣ-техникӣ |
| КҚТИ | Конвенсияи қолабии СММ дар бораи тағйири иқлим |

| | |
|---|---|
| ШУД | Шарҳи универсалии давравӣ |
| ҲИМ | Ҳисоботи ихтиёрии миллӣ дар бораи пешрафт дар дарёфти ҲРУ |
| ОСГ | Об, санитария ва гигиена |

# 1. Муқаддима

## Ҳадафи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ

1. Дар ин Чаҳорчӯби ҳамкорӣ оид ба рушди устувор (Чаҳорчӯби ҳамкорӣ) дар байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва системаи СММ се афзалияти стратегӣ, чаҳор натиҷаи ҳамкорӣ ва чӣ гуна онҳо ба татбиқи афзалиятҳои стратегии миллӣ мусоидат мекунанд, тавсиф карда шудаанд:
   - » Стратегияи миллии рушд (СМР-2030) и Барномаи миёнамуддати рушд (БММР);
   - » Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ва ҳадафҳои миллӣ[7];
   - » Уҳдадориҳои Тоҷикистон дар бахши ҳуқуқи инсон ва дигар ҳадафҳои мувофиқашудаи байналмилалӣ ва минтақавии рушд ва уҳдадориҳои шартномавӣ[8].
2. Ҳукумати Тоҷикистон ва системаи СММ барои ноил шудан ба натиҷаҳои банақшагирифташудаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ масъулияти муштарак доранд. Чаҳорчӯби ҳамкорӣ талошҳои системаи СММ-ро бештар пай дар пай намуда, самарабахшии онҳоро таъмин менамояд. Бар асоси *бартариҳои муқоисашавандаи* системаи СММ, Чаҳорчӯби ҳамкорӣ платформаеро барои машваратҳои ҳамоҳангшуда оид ба масъалаҳои сиёсат ва ҳифзи манфиатҳо фароҳам меорад ва ҳамчунин ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои самарабахши рушд мусоидат мекунад.
3. Чаҳорчӯби мазкур ба муваффақиятҳои ҳамкориҳои қаблии Ҳукумат ва системаи СММ бо дарназардошти хулосаҳо ва тавсияҳои асосӣ такя мекунад[9]. Дар он тавсиф карда мешавад, ки чӣ гуна шарикон якҷо ба натиҷаҳо нигаронида мешаванд; ҳамчунин, Чаҳорчӯби ҳамкорӣ механизмҳои ба таври муштарак идорашавандаи ҳамоҳангсозӣ ва амалисозӣ, мониторинги самарабахши пешрафт ва ҳисоботдиҳиро пешниҳод менамояд.
4. Натиҷаҳо ва стратегияҳои пешбинишудаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ба масъалаҳои осебпазирӣ ва расонидани кумак ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ[10] диққат медиҳанд, то ки онҳо дар канор намонанд. Шарикии васеъ бо гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, ҷомеаҳо, муассисаҳо оид ба ҳуқуқи инсон, доираҳои илмӣ, воситаҳои ахбори омма, бахши хусусӣ ва шарикони байналмилалӣ барои ба даст овардани натиҷаҳо мусоидат хоҳанд кард. Васеъ намудани иштироки ин ҷонибҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор дар татбиқи барномаи ҳамкорӣ ба ташаккули сиёсати бештар асосдор ва устувор, инчунин фаъолият ва ҳисоботдиҳии муассири муассисаҳои давлатӣ мусоидат мекунад.

## Сохтори Чаҳорчӯби ҳамкорӣ

5. Чаҳорчӯби ҳамкорӣ аз панҷ бахш иборат аст. Пас аз ин муқаддима:
   - » Дар бахши дуюм контексти рушди устувор ва мушкилоте тавсиф карда шудаанд, ки метавонанд ба ноил шудан ба афзалиятҳои миллӣ ва иҷрои вазифаҳо дар чаҳорчӯби ҲРУ таъсир расонанд;
   - » Дар бахши сеюм афзалиятҳо ва натиҷаҳои барномаи ҳамкорӣ ва назарияи тағйирот барои ҳамкорӣ тавсиф карда шудаанд;

---

[7] Ниг: https://sustainabledevelopment.un.org/post2015/transformingourworld, http://unstats.un.org/sdgs/indicators/indicators-list/

[8] Мутобиқи тавсияҳои қабулшудаи Шарҳи универсалии давравии Тоҷикистон ва дигар мақомот ва механизмҳои бар асоси шартнома амалкунанда оид ба ҳуқуқи инсон ва созишномаҳои бисёрҷонибаи экологӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон дар InforRMEA ба тасвиб расидаанд.

[9] Т. Нович и др., Окончательный отчет об оценке Рамочной программы ООН по оказанию помощи в целях развития на 2016-2022 годы для Таджикистана.

[10] Гурӯҳҳои осебпазир: баъзе гурӯҳҳои занон*, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва оилаҳои дорои як волид, маъюбон, ҷомеаҳои деҳот дар минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ номуваффақ, одамоне, ки дар ҷомеаҳои дарканормондаи деҳот зиндагӣ мекунанд, кормандони бахши ғайрирасмӣ, муҳоҷирони мавсимӣ ва оилаҳои онҳо, одамони калонсол, гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагон ва дигар гурӯҳҳои калидии аҳолӣ, ки хавфи бе таваҷҷуҳ мондан қарор доранд. * Дар байни занон: занони солхӯрда, занони деҳот, занони сарвари хонавода, занони маъюб, занони дар маҳбас қарордошта, заноне, ки зӯроварии хонаводагӣ ва гендериро аз сар гузаронидаанд, занони гирифтори ВНМО, занони бешаҳрвандӣ, занони гуреза ва занони паноҳҷӯянда.

- Бахши чорум аз нақшаи татбиқ, аз ҷумла механизмҳо ва равандҳои идоракунӣ ва идоракунии барномаи ҳамкорӣ иборат мебошад;
- Дар бахши панҷум механизмҳои мониторинг, арзёбӣ ва омӯзиш тавсиф карда шудаанд.

Матритсаи натиҷаҳо дар **Замимаи A** оварда шудааст. Дар **Замимаи B** робитаҳои асосии байни натиҷаҳои фаъолият дар чаҳорчӯби барномаи ҳамкорӣ ва уҳдадориҳои Тоҷикистон дар бахши ҳуқуқи инсон пешниҳод шудаанд. Замимаи стандартии ҳуқуқӣ оид ба ҳамкорӣ дар **Замимаи C** оварда шудааст.

## 2. Пешрафт дар татбиқи Рӯзномаи барои давраи то соли 2030

### 2.1 Контексти кишварӣ[11]

6. Тоҷикистон – кишвари дорои сатҳи даромади пасттар аз миёна мебошад ва баромад ба баҳр надорад. Шумораи аҳолии кишвар, ки 9,5 миллион нафарро ташкил медиҳад ва он дар Осиёи Марказӣ ҷойгир аст. Ба туфайли Стратегияи миллии рушд (СМР-2030) Тоҷикистон дар расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ба пешрафтҳои назаррас ноил гардид[12]. Дар тӯли 15 соли охир, сатҳи камбизоатӣ аз рӯи даромад ба таври назаррас коҳиш ёфт (ҲРУ 1)[13]; пешрафт дар ноил шудан ба ҲРУ 4 бо афзоиши шумораи хонандагони мактабҳои ибтидоӣ ва миёна мушоҳида мешавад. Дигар ҲРУ, ки ба даст овардани онҳо идома дорад, дастрасӣ ба оби тоза ва санитария (ҲРУ 6), энергияи дастрас ва тоза (ҲРУ 7) ва татбирҳо оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлимро (ҲРУ 13) дар бар мегиранд[14]. Дар ҲРУ 3 (саломатии хуб ва некӯаҳволӣ), ҲРУ 5 (Баробарии гендерӣ) ва ҲРУ 8 (Кори шоиста ва рушди иқтисодӣ) пешрафт нисбатан кам мушоҳида карда мешавад. ҲРУ, ки мумкин аст то соли 2030 ба даст оварда нашаванд, мавридҳои зеринро дар бар мегиранд: ҲРУ 2 (Бартараф кардани гуруснагӣ), ҲРУ 5 (Баробарии гендерӣ), ҲРУ 8 (Кори шоиста ва рушди иқтисодӣ), ҲРУ 9 (Саноатикунонӣ, инноватсия ва инфрасохтор), ҲРУ 11 (Шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини устувор), ҲРУ 15 (Ҳифзи экосистемаҳои хушкӣ) ва ҲРУ16 (Сулҳ, адолати судӣ ва муассисаҳои самарабахш). Додаҳо дар бораи таъсири назарраси бисёрҷонибаи амалҳо барои ноил шудан ба ҲРУ 2 (Бартараф кардани гуруснагӣ), ҲРУ 4 (Таҳсилоти босифат), ҲРУ 8 (Кори шоиста ва рушди иқтисодӣ) ва ҲРУ 6 (Оби тоза ва санитария) вуҷуд доранд[15].

7. Консепсияи рушди миллӣ мавридҳои зеринро пешбинӣ менамояд: "Кишвари дорои рушди устувор ва рақобатпазир аст, ки аҳолии он аз сатҳу сифати арзандаи зиндагӣ бо имкониятҳои баробар барои татбиқи неруи инсонӣ дар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиромгузорӣ ба шаъну шарафи инсон баҳра мебаранд"[16]. Сарфи назар аз паст шудани сатҳи камбизоатӣ, Тоҷикистон камбизоаттарин кишвари Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад[17]. Интизор меравад, ки кӯдаке, ки имрӯз таваллуд шудааст, танҳо то нисф пурмаҳсул хоҳад буд, нисбат ба он ки ӯ метавонист дар системаи хуби тандурустӣ ва маориф мебуд[18]. Дар Гузориши миллии ихтиёрии Тоҷикистон таъкид карда мешавад, ки ҳар шахси чорум ба камбизоатии гуногунҷанба гирифтор аст[19].

8. Хавфҳои назаррасе вуҷуд доранд, ки метавонанд пешрафти Тоҷикистонро дар амалисозии ҲРУ суст ё баръакс боз доранд. Интизор меравад, ки тағйирёбии иқлим боиси афзоиши миқёсҳо ва такроршавии хатарҳо ва офатҳои вобаста ба иқлим, ба монанди обхезӣ ва хушксолӣ шавад. Ин ба ҳосилнокии кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ бо дурнамои шадидтар шудани сатҳи камбизоатӣ ва осебпазирӣ таҳдид мекунад. Ҷанг дар Украина ва таҳримҳои байналмилалӣ бар зидди Россия метавонанд барои Тоҷикистон паёмадҳои ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта бошанд, аз ҷумла таназзули иқтисодӣ, бекорӣ ва коҳиши интиқолҳои пулии муҳоҷирон. Дигар хавфҳои дарозмуддат аз сатҳи пасти рушди иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин танишҳои фаромарзӣ, ихтилофот дар байни ҷомеаҳо ва давлатҳо дар мавриди дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, махсусан дастрасӣ ба об иборат мебошанд. Иқтисоди Тоҷикистон ба пандемияи COVID-19 устувории баланд нишон дод, аммо пандемия осебпазирӣ ва нобаробариҳои сохториро шадидтар кардааст. Оқибатҳои манфии кунунӣ бад шудани

---

[11] ООН, Общий страновой анализ (ОСА), ПРОЕКТ апрель 2021 года. Если не указано иное, все данные взяты из ОСА.

[12] (1) Ҳукумати Тоҷикистон, 2017, Ҳисоботи миллии ихтиёрӣ. (2) Сакс, Дж. и др., 2020, Ҳадафҳои рушди устувор ва КОВИД-19, Ҳисобот оид ба рушди устувор 2020.

[13] аз 83% дар соли 2013 то 26% дар соли 2019. Додаҳои Бонки ҷаҳонӣ, 2020.

[14] Ҳолат бар асоси ҳадафҳо ва шохиси интихобшудаи ҲРУ. [https://dashboards.sdgindex.org/profiles/TJK]

[15] Машваратҳои техникӣ байни СММ, мақомотҳои ҳукуматӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои таҳлилӣ вобаста ба сатҳи алоқаманди бо ҲРУ, 2016 (нашр карда нашудааст).

[16] Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 8.

[17] Бонки ҷаҳонӣ, 2020, Poverty headcount ratio at national poverty lines (% of population); Poverty headcount ratio at $1.90 a day (2011 PPP) (% аҳолӣ). Шумораи одамоне, ки дар камбизоатии шадид зиндагӣ мекунанд ё на камтар аз 1,90 доллари ИМА дар як рӯз, дар тӯли 15 соли охир бетағйир боқӣ мемонад.

[18] Бонки ҷаҳонӣ, 2019, Таълим ва ғамхории барвактии кӯдак: Баррасии мутамаркази таълими барвақтӣ дар Тоҷикистон.

[19] Ҳукумати Тоҷикистон, 2017, Ҳисоботи миллии ихтиёрӣ, 9.

саломатӣ, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ ва нарасидани онҳоро дар бар мегиранд. Ин омилҳо ҳамчунин барои шахсони камбизоат ва дигар гурӯҳҳои осебпазир ҳамчун таҳдид боқӣ мемонанд[20].

## 2.2 Осебпазирӣ

9. Одамоне, ки бештар дар хавфи дарканормонӣ (изолятсия) ва беэътиноӣ қарор доранд: баъзе гурӯҳҳои занон[21], кӯдакони оилаҳои камбизоат ва оилаҳои иборат танҳо аз падар ё модар, шахсони дорои маъюбият, ҷомеаҳои деҳот дар ноҳияҳои аз нигоҳи иқтисодӣ номуваффақ, одамоне, ки дар ҷомеаҳои деҳоти дарканормонда зиндагӣ мекунанд, коргарони бахши ғайрирасмӣ, муҳоҷирони мавсимӣ ва оилаҳои онҳо, шаҳрвандони калонсол, гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда ва дигар гурӯҳҳои асосии аҳолӣ. Чаҳор **омили** асосии осебпазирӣ ва бегонашавӣ вуҷуд доранд, ки бо таъсири пандемия шадидтар шудаанд:

» ***Норасоии ҷойҳои кории шоиста дар бахши расмӣ***: Бекорӣ, маоши паст ва шуғли ғайрирасмӣ омилҳои асосии осебпазирӣ, махсусан барои занон ва ҷавонон мебошанд. Эҷоди имкониятҳои шуғли пурмаҳсул барои рушди фарогири иқтисодӣ муҳим аст; ин ба коҳиши ба хориҷ рафтани аҳолӣ ва паст кардани сатҳи хавфи экстремизм (ифротгароӣ) мусоидат мекунад.

» ***Сармоягузории нокофӣ дар бахши хидматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии табақаҳои камбизоаттарин ва дарканормондаи аҳолӣ:*** Интиқолҳои пулӣ наметавонанд ҳамчун воситаи асосии ҳифзи оилаҳои камбизоат ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ хидмат кунанд. Сармоягузориҳои нави бузурги буҷетӣ барои хидматрасониҳои босифат, фарогир ва дастраси тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ зарур мебошанд. Ҳамчунин, мониторинги самарабахш зарур аст.

» ***Ҷиҳатҳои заиф дар низоми идоракунӣ ва волояти қонун:*** Муассисаҳои идоракунӣ бояд ба самти ҳамоҳангсозии қавитари уфуқӣ ва пешниҳоди хидматрасониҳо бо таваҷҷуҳ ба гурӯҳҳои камбизоаттарин ва дарканормондаи аҳолӣ равона карда шаванд. Ин системаҳо, имкониятҳо ва ҳисоботдиҳии бештар қавии бахши давлатӣ, аз ҷумла идоракунии воситаҳои молиявии давлатӣ ва харидҳо, муассисаҳои бештар қавии миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон, таҷрибаи бештар самарабахши судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин механизмҳои боэътимоди иштироки шаҳрвандонро талаб мекунад.

» ***Камшавии захираҳои табиӣ, офатҳои табиӣ ва пандемия:*** Онҳо сатҳи муқовиматпазириро коҳиш медиҳанд, ба воситаҳои рӯзгузаронӣ таҳдид мекунанд ва ба диверсификатсия ва рушди иқтисод монеъ мешаванд. Тадбирҳои нопурраи вокуниш ба тағйирёбии иқлим, танишҳои эҳтимолии фаромарзӣ ва низоъҳо метавонанд хавфҳоро бо дурнамои бадтар шудани сатҳи камбизоатӣ ва осебпазирӣ афзоиш диҳанд.

10. Ду монеаи асосӣ дар роҳи пешрафти зудтар дар татбиқ намудани Стратегияи миллии рушд (СМР), Барномаи миёнамуддати рушд (БММР) ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) вуҷуд доранд:

(а) **Табъизи гендерӣ ва дарканормонӣ** дар бисёр сатҳҳо вуҷуд доранд ва нақшҳои анъанавии гендерӣ ҳанӯз ҳам васеъ паҳн шудаанд ва дар як қатор нишондиҳандаҳо зоҳир мешаванд, аз ҷумла издивоҷи бармаҳал, иштироки кам дар захираҳои корӣ, дастрасии нобаробар ба замин ва дороиҳо, меҳнати пардохтнашуда барои нигоҳубини аҳли хонавода, зӯроварии гендерӣ ва намояндагии маҳдуд дар шӯроҳои миллӣ ва маҳаллӣ. Занҳо дар ҳамаи ҲРУ нақши муҳим доранд; сармоягузорӣ дар васеъ намудани имкониятҳо барои занону духтарон ва пешбурди ҳуқуқҳо ва имкониятҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии онҳо “воситаи қудратманд” мебошад.

(б) Набудани **додаҳои боэътимод ва муфассали оморӣ** барои арзёбии амалисозии сиёсат ва барномаҳои давлатии СМР, БММР ва ҲРУ. Бояд ба таҳия намудани додаҳои босифат ва

[20] Бонки ҷаҳонӣ, ECA Economic Update, Fall 2021, 21, 127-128. Ниг. ҳамчунин: Бонки ҷаҳонӣ, Vaccination, Jobs, and Social Assistance are All Key to Reducing Poverty in Central Asia, октябри соли 2021.

[21] Дар байни занон: занони солхӯрда, заноне, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, занони сарвари хонавода, занони имкониятašон маҳдуд, заноне, ки дар ҳабс қарор доранд; заноне, ки зӯроварӣ дар оила ва зӯроварии гендериро аз сар гузаронидаанд, занони гирифтори ВНМО, занони бешаҳрвандӣ, инчунин занони гуреза ва паноҳҷӯянда.

муфассал бо таваҷҷуҳ ба холигоҳҳои асосии омори вобаста ба ҲРУ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ барои пайгирии иштироки иҷтимоии онҳо, пешниҳоди хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва ҷалби онҳо ба барномаҳои дастгирии иқтисодӣ диққат дода шавад.

## 2.3 Имкониятҳо

11. Дар Таҳлили умумии кишварӣ ва Ҳисоботи миллии ихтиёрӣ пешрафт дар ноил шудан ба ҲРУ имкониятҳои асосӣ муайян карда шудаанд:

- **Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ:** Пешниҳоди хидматрасониҳои босифат, арзон ва дастрас дар бахши маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини об ва санитария барои ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ва ҲРУ муҳим мебошад. Хидматрасониҳои иҷтимоӣ ва хароҷоти бештар самарабахш барои ба таври оптималӣ муҳофизат намудани гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, паст кардани фишори муҳоҷирати мавсимӣ ва муқовимат ба экстремизм иҷозат медиҳанд.
- **Рушди иқтисодӣ бояд фарогир бошад:** Рушди иқтисодӣ аз ҳисоби истеъмоли дохилӣ ва интиқолҳои пулӣ сурат мегирад. Ғайрирасмӣ будан ташвишовар аст. Сармоягузориҳо ба инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, рушди малакаҳои рақамӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои баланд ва рушди саноати коркардкунанда зарур аст. Ба ин афзоиши сармоягузории бахши хусусӣ, беҳтар кардани идоракунии иқтисодӣ, муҳити шаффофи меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардониҳо барои корхонаҳои хурду миёна мусоидат мекунад.
- **Идоракунии устувори захираҳои табиӣ:** Идоракунии устувори захираҳои табиии кишвар аз тағйир додани сиёсат ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, рушди иқтидор барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани оқибатҳои он, истифодаи бештар оқилонаи захираҳои экосистемавӣ, махсусан об, ба таври самарабахш коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ ва идоракунӣ вобаста хоҳад буд.
- **Тақвияти идоракунӣ ва таъмини волоияти қонун:** Институтҳои беҳтари идоракунӣ зарур мебошанд, ки ҳисоботдиҳанда ва аз коррупсия озод ҳастанд. Ҷорӣ кардани принсипҳои баробарӣ ва роҳ надодан ба табъиз дар заминаи қонунгузорӣ, таъмини озодии иттиҳодияҳо ва иштирок барои баланд бардоштани сатҳи адолат ва қонунияти қонунҳо, инчунин таҳкими эътимод ва ваҳдати иҷтимоӣ муҳим мебошанд.

# 3. Ҳамкорӣ барои ҳалли вазифаҳои афзалиятдори кишвар

## 3.1 Аз таҳлили кишварӣ ба афзалиятҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ

12. Афзалиятҳои стратегӣ ва натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ бар асоси Таҳлили умумии кишварӣ муайян карда шуда[22], дар тӯли машваратҳои сохторбандишуда ва муколама бо шарикони миллӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда шудаанд. Омодагӣ ба Чаҳорчӯби ҳамкорӣ дар нимаи соли 2021 бо бознигарии **тамоюлҳои асосии миллӣ**, ки ба татбиқи афзалиятҳои СМР ва ҲРУ мусоидат мекунанд ва инчунин баррасии омилҳои боздоранда оғоз шуд. Системаи СММ **фарзияҳои асосии кориро** оид ба ҳамкорӣ барои давраи то соли 2030 муайян намуд. Мушкилоти рушд, ки дар Таҳлили умумии кишварӣ муайян карда шудаанд, баррасӣ карда шуда, афзалиятҳо барои таъмини **рӯйкарди (подход) байнисоҳавӣ ва бисёрҷониба** ва таҳияи роҳиҳалҳои мувофиқашуда дар бахши рушд муайян карда шуданд. Тавассути таҳлил бо шарикони миллӣ ва байналмилалӣ **афзалиятҳои асосӣ** муайян ва таҳия карда шудаанд. **Бартарии муқоисашаванда** ва ҷойгиркунии дурусти системаи СММ таъкид карда шуд. Афзалиятҳо, натиҷаҳо ва стратегияҳои ниҳоӣ дар рафти машваратҳо бо иштироки 30 вазорату идораҳо, инчунин намояндагони 53 созмони шарик аз ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла институтҳои байналмилалии молиявӣ баррасӣ ва тасдиқ карда шуданд.

13. Бар асоси сохтори ҳамкорӣ, ҳадафҳои рушди кишвар ифода карда шудаанд, ки дар Стратегияи миллии рушд (СМР-2030) ва Барномаи миёнамуддати рушд[23], инчунин дар Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ҳадафҳои рушди устувори миллӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ муайян карда шудаанд. **Се афзалияти стратегии ҳамкорӣ ва чаҳор натиҷаи ниҳоӣ** вуҷуд доранд. Мувофиқи Рӯзномаи дар бахши рушди устувор барои давраи то соли 2030, афзалиятҳо ва натиҷаҳо бо ҳам алоқаманд мебошанд. Муносибатҳои шарикӣ барои гузоштани саҳми воқеӣ ва андозагиришаванда дар ҳалли вазифаҳои афзалиятдори Тоҷикистон ва ноил шудан ба ҲРУ зарур мебошанд. Рӯйкарди мазкур ба панҷ афзалияти асосии Рӯзнома барои давраи то соли 2030 мувофиқ аст: Одамон, Шукуфоӣ, Сайёра, Сулҳ ва Шарикӣ.

| Афзалиятҳои стратегӣ | Натиҷаҳои ниҳоӣ |
|---|---|
| **Афзалияти стратегии I. Рушди фарогири инсонӣ** | **Натиҷаи ниҳоии 1. Рушди фарогири инсонӣ**<br>То соли 2026 системаҳо ва хидматрасониҳои тандурустӣ, амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ бештар самарабахш, фарогир, ҳассос ба масъалаҳои гендерӣ ва ба таври муносиб маблағгузорӣ карда мешаванд. |
| **Афзалияти стратегии II. Шукуфоии умумии устувор ва рушд бо дарназардошти тағйирёбии иқлим** | **Натиҷаи ниҳоии 2. Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисодӣ**<br>То соли 2026 муассисаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ барои татбиқи барномаҳои стратегӣ, тадбирҳои инноватсионӣ ва мутобиқ бо ҷанбаҳои гендерӣ оид ба иқтисоди “сабз” ва васеъ намудани фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳамкорӣ хоҳанд кард.<br>**Натиҷаи ниҳоии 3. Идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ**<br>То соли 2026 идоракунии захираҳои табиӣ бар асоси сиёсатҳо ва амалҳои ҳамгирошуда ҷиҳати беҳтар кардани мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини воситаҳои рӯзгузаронии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ фарогир ва устувор хоҳад шуд. |

[22] ООН, ОСА, ҳамон ҷо. Ниг. Шарҳи мухтасари холигоҳҳо ва мушкилоти асосии вобаста ба ҲРУ, дар Замимаи В.
[23] Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон (СМР-2030). Се барномаи панҷсолаи миёнамуддати рушд вуҷуд доранд.

| Афзалиятҳои стратегӣ | Натиҷаҳои ниҳоӣ |
| --- | --- |
| **Афзалияти стратегии III. Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда** | **Натиҷаи ниҳоии 4. Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда**<br>То соли 2026 идоракунӣ бештар фарогир, шаффоф ва ҳисоботдиҳанда мегардад, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ва коҳиш додани сатҳи зӯроварӣ ва табъиз мутобиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат хоҳад кард. |

## 3.2 Назарияи тағйирот

14. Назарияи тағйирот ба нақшаи (схемаи) алоқаҳои сабабу натиҷа барои ҲРУ асос ёфтааст: дар боло (афзалияти I) одамоне ҳастанд, ки аз стандартҳои ҳадди ақали некӯаҳволӣ бархурдор мебошанд ва имкониятҳои баробар доранд. Барои ин, рушди фарогири иқтисодӣ ва шукуфоии умумӣ тавассути истеҳсол ва истеъмоли устувор зарур аст. Ҳамчунин, идоракунии самарабахши захираҳои табиӣ бояд таъмин карда шуда, иҷозат дода нашавад, ки рушди иқтисодӣ тавассути зарар расонидан ба муҳити зист сурат гирад (афзалияти II). Тағйирот мумкин аст тавассути идоракунии самарабахш, таъмини волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқи инсон ба даст оварда шавад (афзалияти III)[24].
15. Дар чаҳорчӯбҳои мазкури ин барнома, ҳамкорӣ барои ноил шудан ба як қатор дигаргуниҳои ба ҳам алоқаманд ва андозагиришаванда нигаронида шудааст, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон бар асоси рушди устувори иқтисодӣ ва тахмин намудани имкониятҳои баробар барои ҳар шахс ҷиҳати татбиқи потенсиали худ бо риоя намудани принсипҳои баробарӣ, адолат ва эҳтироми шаъну шарафи инсон мусоидат мекунад[25]. Барои амалисозии ин дигаргуниҳо ва мувофиқи вазифаҳои ҲРУ, системаи СММ риояи <u>чаҳор шарти асосиро</u> дастгирӣ мекунад (ниг. Гузошта ва расми назарияи тағйирот):

[24] Иқтибос аз: PBL Агентии Ҳолланд оид ба арзёбии вазъи муҳити зист, 2018.
[25] СМР-и Тоҷикистон, Тоҷикистон дар соли 2030, саҳ.8.

**Чаҳорчӯби ҳамкории байни Ҳукумати Тоҷикистон ва СММ: Шарҳи мухтасари назарияи тағйирот**

**То соли 2030** баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ бар асоси рушди устувори иқтисодӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳар шахс ҷиҳати амалӣ намудани потенсиали шахсии худ бо риояи принсипҳои баробарӣ, адолат ва эҳтироми шаъну шарафи инсон таъмин карда шавад.

***То соли 2026, ин аз мавридҳои зерин вобаста хоҳад буд:***

- Маблағгузории мувофиқ ва таъмини хидматрасониҳои босифат ва фарогир дар бахши маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ ва санитария;
- Тақвияти муҳити сиёсӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, густариши ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ барои ҳавасмандгардонии рушди "сабз", камкарбон ва фароҳам овардани шароити муносиби шуғл;
- Асоси қавии сиёсӣ ва амалҳо барои баланд бардоштани сатҳи устуворӣ дар идоракунии муҳити зист, кам кардани хавфҳои офатҳои табиӣ ва дастгирии талошҳои кишвар барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани оқибатҳои он;
- Ислоҳоти прагматикӣ ҷиҳати таҳкими идоракунии давлатӣ, фароҳам овардани имкониятҳо барои робитаи мутақобили бештар самарабахши ҳукумат бо шаҳрвандон, ташаккул ва пешниҳоди хидматрасониҳои асосии давлатӣ; ин рӯйкардеро дар бар мегирад, ки дар он ҳамаи сохторҳои ҳукуматӣ аз таҳлили гендерӣ истифода намуда, ҳуқуқҳои кӯдаконро ҳангоми қабул кардани қарорҳо ва татбиқи онҳо дар назар мегиранд; ҳамчунин, тағйироти гузаришӣ дар сиёсат ва рафтор барои хотима додан ба зӯроварӣ лозим мебошанд.

16. **Рушди фарогири инсонӣ:** Дар сифати хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва фарогирии шаҳрвандон, махсусан дар минтақаҳои деҳот, ки ба таври кофӣ бо хидматрасониҳо фаро гирифта нашудаанд ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ холигоҳҳо вуҷуд доранд. Кишвар ба таконҳои иқтисодии берунӣ бисёр осебпазир аст[26] ва пандемияи COVID-19 осебпазирии сохторӣ ва нобаробарии афзояндаро ошкор намуд. Дар маҷмӯъ, ин дурнамои ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ва ҲРУ-ро барои эҷоди иқтисоди рушдкунанда ва диверсификатсияшуда, инчунин ҷомеаи пурмаҳсул халалдор мекунад. Пешниҳоди хидматрасониҳои ба таври кофӣ маблағгузоришаванда ва босифати фарогир дар бахши маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ, санитария ва гигиена (WASH) барои Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии СМР ва ноил шудан ба ҲРУ-ҳои дахлдор муҳим аст. Дар ҳуҷҷатҳо ва барномаҳои иқтисодию иҷтимоӣ масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва камғизоӣ ба таври возеҳ муайян карда шудаанд. Стратегия ҳамкорӣ ва натиҷаҳо ба робитаҳои байни хидматрасониҳои иҷтимоии бештар босифат, фарогиртар ва беҳтар маблағгузоришаванда ва рушди устувори бештар сабзи иқтисодӣ (афзалияти II) ҳамчун омили калидии мусоид таъкид хоҳанд кард.

17. Рӯйкарди мазкур иҷозат медиҳад, ки аз **дивидендҳои демографии**[27] Тоҷикистон истифода бурда, "чархаи (сикли) судманд" тақвият дода шавад, ки дар он аҳолии солим ва устувор ба чолишҳо метавонад аз гузариш ба иқтисоди диверсификатсияшуда ва ба дониш асосёфта бо шароити муносиби шуғл дар бахши расмӣ баҳраманд шавад. Хидматрасониҳои иҷтимоӣ ва хароҷоти бештар самарабахш ҳамчунин ба муҳофизати табақаҳои осебпазири аҳолӣ ва ҷомеаҳои дарканормондаи деҳот мусоидат хоҳанд кард. Рӯйкарди дугона ба васеъ намудани дастрасӣ ба хидматрасониҳои босифати иҷтимоӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва иштирок иҷозат медиҳанд, ки қутбгароӣ коҳиш дода шавад ва ба хориҷ рафтани аҳолиро кам намояд. Якҷо бо сармоягузориҳои назарраси босифат дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва фаъолсозии шуғл,

---

[26] Ҳисоботи миссияи MAPS дар Тоҷикистон, ноябр - декабр 2016 с. Ҳуҷҷати дохила (нашр карда нашудааст).

[27] Ин такон ба рушди иқтисодӣ аст ва он вақте сурат мегирад, ки дар кишвар шумораи зиёди одамони синну соли қобили меҳнат дар муқоиса бо шахсони вобаста ба онҳо (нонхӯрон) вуҷуд доранд, яъне сатҳи таваллуд кам шуда, коэффисиенти вобастагӣ коҳиш меёбад. СММ, ССА, ҳамон ҷо.

махсусан барои занон ва хидматрасониҳо оид ба банақшагирии оила, ба рушди босуръат, бештар фарогири иқтисодӣ ва беҳтар шудани нишондиҳандаҳои рушди инсонӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

18. **Шукуфоии умумӣ, устувор ва рушд бо дарназардошти масъалаҳои экологӣ:** Сифати рушд аз соли 2000 ба коҳиши нобаробарии даромадҳо оварда нарасонид; дар ин давра шумораи кофии ҷойҳои кори шоиста ташкил карда нашудаанд; барои сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ фазои молиявӣ ташаккул дода нашудааст. Мутобиқи арзёбиҳо, тақрибан 500 ҳазор нафар шаҳрванди синну соли қобили меҳнат, асосан мардон, ҳар сол барои кор дар хориҷа ҳамчун муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ кишварро тарк мекунанд[28]. Интиқолҳои пулӣ тақрибан 27 дарсади ММД-ро ташкил медиҳанд[29]. Рушди иқтисодӣ аз ҳисоби истеъмоли дохилӣ ва ба андозаи камтар аз сармоягузориҳои давлатӣ ё хусусӣ сурат мегирад. Ғайрирасмӣ будани шуғл ҳамчунон мушкил боқӣ мемонад. Кишвар аз интиқолҳои пулӣ, содироти маҳдуди молу маҳсулот (алюминий ва пахта) ва воридоти маводи озуқаворӣ, маводи сӯхт ва молҳои истеъмолӣ сахт вобаста аст. Дар оянда, сиёсат бояд ба сармоягузориҳо ба инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рушди малакаҳои рақамӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои баланд, рушди устувор, мутобиқшавии самарабахш ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани оқибатҳои офатҳои табиӣ равона карда шавад. Ба сустии рушди саноати коркардкунанда ва ғайрисаноатикунонӣ бояд тавассути афзоиши сармоягузориҳо ба бахши хусусӣ, беҳтар кардани идоракунии иқтисод, муҳити шаффофи меъёрӣ, аз ҷумла стандартҳои сахттари меҳнат ва ҳавасмандиҳо барои корхонаҳои хурду миёна муқовимат карда шавад. Ин бояд ба иштироки бештар фаъоли занон дар иқтисод, ки хавфи дур мондан аз мадди назар қарор доранд ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мусоидат намояд. Кишоварзӣ манбаи асосии таъмини воситаҳои рӯзгузаронӣ ба ҳисоб рафта, тақрибан чоряки ММД-ро таъмин мекунад. Тавассути рушди фарогир, "сабз" ва устувор, маҳсулнокии хоҷагиҳои хурд афзоиш меёбад, амнияти озуқаворӣ тақвият меёбад ва даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ/фермерӣ зиёд мешавад. Диққати махсус бояд ба занон-кишоварзон дода шавад.

19. **Идоракунии устувори захираҳои табиии кишвар:** Рушди устувори иқтисодӣ, саломатӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ бо бад шудани ҳолати об, ҳаво, ҷангалҳо ва заминҳои кишоварзӣ, инчунин талафоти босуръати гуногунии биологӣ таҳти таҳдид қарор доранд. Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ гирифтор аст. Интизор меравад, ки тағйирёбии иқлим боиси афзоиши миқёсҳо ва такроршавии ҳодисаҳои хатарноки иқлимӣ ба монанди обхезӣ ва хушксолӣ мешавад. Ин ба маҳсулнокии кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ таҳдид намуда, устувориро халалдор месозад. Идоракунии устувори захираҳои табиӣ аз тағйирот дар сиёсат, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, рушди потенсиал барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани оқибатҳои он, истифодаи бештар самарабахши захираҳои экосистемавӣ, махсусан об *вобаста хоҳад буд*. Коҳиши самарабахши хавфи офатҳои табиӣ мутобиқи Чаҳорчӯби Сендай[30], Стратегияи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷомеа барои вокуниш ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда муҳим аст. Механизмҳои ҳамоҳангсозӣ барои таҳия ва татбиқи сиёсати "уфуқӣ" махсусан барои ҷомеаҳои деҳот ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ зарур мебошанд, ки ба робитаи мутақобили байни муҳити зист, энергетика, кишоварзӣ ва воситаҳои рӯзгузаронӣ нигаронида шудаанд.

20. **Идоракунии ба манфиатҳои одамон нигаронидашуда ва волоияти қонун:** Сиёсати мувофиқашуда, самарабахш ва чораҳои буҷетӣ дар посух ба мушкилоти дар боло тавсифшуда тавассути системаҳои идоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ боздошта мешаванд. Тамоюли умумӣ ба коҳиши фазо барои ҷомеаи шаҳрвандӣ мушоҳида мешавад ва сатҳи дониш дар бораи ҳуқуқҳои инсон ва меъёрҳои муносиби мурофиавӣ дар байни аҳолӣ паст аст. Ин ваҳдати иҷтимоӣ ва эътимодро ба муассисаҳои давлатӣ халалдор мекунад. Идоракунии бештар пай дар пай ва шаффоф, ҳисоботдиҳанда ва озод аз коррупсия зарур аст. Фаъолияти муассисаҳои миллӣ оид

[28] Бонки осиёии рушд, декабри соли 2020, Усиление поддержки трудовой миграции в Таджикистане: Оценка и рекомендации.
[29] Додаҳои Бонки ҷаҳонӣ, 2020 дар UN, CCA, ҳамон ҷо.
[30] Чаҳорчӯби глобалии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ (2015-2030) ва Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030.

ба ҳуқуқи инсон бояд барои дастгирии ҳамгиросозии принсипҳои баробарӣ ва роҳ надодан ба табъиз дар заминаи қонунгузорӣ, инчунин дар сиёсат ва кори барномавии вазоратҳои соҳавӣ тақвият дода шавад. Иштироки бештар васеи ҷомеа дар таҳияи сиёсат барои баланд бардоштани сатҳи адолат ва қонунияти қонунҳо, инчунин таҳкими эътимод ва ҳамбастагии иҷтимоӣ муҳим аст. Сатҳи самарабахшии идоракунии давлатӣ мумкин аст тавассути равона намудани диққат ба навовариҳо, озмоишҳо дар бахши сиёсат ва ислоҳот ҷиҳати ҳавасмандгардонии ташаббусҳо баланд бардошта шавад. Масъалаҳои вобаста ба нобаробарӣ, беадолатӣ ва коррупсия дар шабакаҳои институтсионалӣ ба таври мунтазам ва беғаразона инъикос карда намешаванд.

21. Таъмини имконияти занон ва кӯдакон барои озод будан аз табъиз ва зӯроварӣ, иштироки баробар дар қабул кардани қарорҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои СМР ва ҲРУ муҳим аст. Ин тағйирот аз рӯйкарди ҳамаи идораҳои ҳукуматӣ ба ҷорӣ кардани таҳлили гендерӣ ва ҳуқуқҳои кӯдакон дар раванди қабул ва татбиқи қарорҳои институтсионалӣ *вобаста мебошанд*. Тафовутҳои байни қонунгузорӣ ва чаҳорчӯбҳои сиёсӣ ва бартараф намудани зӯроварӣ ва табъиз нисбат ба занон ва кӯдакон назаррас буда, ба сабаби мавҷуд набудани додаҳо дар бораи омилҳои сершумори осебпазирӣ ва тадбирҳои дахлдор дар бахшҳои гуногун амиқтар мешаванд.

22. Дар байни натиҷаи 4 ва дигар натиҷаҳо робитаҳои мутақобили муҳим вуҷуд доранд: тақвияти ҳисоботдиҳӣ ва назорати давлатӣ ба тақвияти раванди қабул кардани қарорҳо, таҳияи сиёсат ва тақсими захираҳо барои хидматрасониҳои иҷтимоӣ (*натиҷаи ниҳоии 1*) ва рушди экологӣ, устувори иқтисодӣ ( ниҳоии 2 ва 3) мусоидат мекунад. Дастгирӣ дар татбиқ ва мониторинги тавсияҳои мақомот ва механизмҳои бар асоси шартнома амалкунанда оид ба ҳуқуқи инсон ба ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии волоияти қонун ва набудани табъиз, инчунин таъмини баробарии гендерӣ дар равандҳои қабул кардани қарорҳо ва фаъолияти институтҳо мусоидат мекунад. Ин ба тағйироти назаррас барои шахсоне мусоидат мекунад, ки дар хавфи дар канор мондан қарор доранд. Равона намудани диққат ба таҳкими механизмҳои иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикии бештар самарабахш бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи маҳаллӣ ба муколама, иштироки фаъоли шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи эътимод дар ҷомеа мусоидат мекунад.

23. Дар назарияи тағйирот ва натиҷаҳои интизорравандаи ҳамкорӣ се мавзӯъ муттаҳид карда шудаанд:

(а) **Устуворӣ:** Дар Чаҳорчӯби ҳамкорӣ талошҳо ба минтақаҳо ва гурӯҳҳои осебпазири аз низоъҳо зарардида ва онҳое нигаронида мешаванд, ки худро дар амн эҳсос намекунанд. Ин ба иштироки шаҳрвандон дар қабул кардани қарорҳо, васеъ намудани дастрасӣ ба хидматрасониҳои асосии босифат, шуғли шоиста, истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба офатҳои табиӣ мусоидат хоҳад кард.

(б) **Рӯйкарди гендерӣ:** Тавре ки дар ҳисоботи ихтиёрии миллӣ (ҲИМ) қайд карда мешавад, "васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар иқтисод, масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ" шарти зарурии рушди бештар фарогир дар Тоҷикистон мебошад[31]. Дар чаҳорчӯби ҳамаи натиҷаҳо, шарикон холигоҳҳо дар заминаи қонунгузорӣ ва институтсионалӣ ҷиҳати таъмини баробарии гендерӣ, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занонро ошкор ва бартараф хоҳанд кард. Дар чаҳорчӯби натиҷаи 2, диққати махсус ба дастрасии занон ба кори шоиста ва ҳавасмандиҳо барои коҳиш додани шуғли ғайрирасмии музмин равона карда мешавад. Ин фаъолсозии талошҳои системаи СММ барои таҳкими ҷамъоварӣ ва истифодаи додаҳои омории вобаста ба гендер ва аз рӯи ҷинс гурӯҳбандишуда ва эҷоди потенсиали бештар қавии

[31] Ҳукумати Тоҷикистон, 2017, Ҳисоботи миллии ихтиёрӣ, саҳ. 24. (2) ООН Женщины, Экономические издержки насилия в отношении женщин, 2016. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки заноне, ки мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд, бештар ба корҳои тасодуфӣ ва шуғли нопурра машғул мебошанд, дар муқоиса бо заноне, ки мавриди зӯроварӣ қарор намегиранд, тақрибан 60% камтар даромад ба даст меоранд. Арзиши зӯроварӣ нисбат ба занон тақрибан 2% ММД-и глобалиро ташкил медиҳад ва хароҷоти мустақим (системаи тандурустӣ, машваратҳо, ҳифзи иҷтимоӣ, хидматрасониҳои адолати судӣ ва полис) ва ғайримустақим (музди меҳнати талафшуда, маҳсулнокӣ ва потенсиал)-ро дар бар мегирад.

институтсионалӣ барои таҳлили гендерӣ, таҳияи барномаҳо ва буҷетҳоро[32] бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ дар назар дорад. Барои ин, дастаи кишварии СММ ва Ҳукумати Тоҷикистон стратегияи гендерӣ ва нақшаи амалро бо буҷет барои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ, аз ҷумла дастгирии Агентии омор ва дигар идораҳои оморӣ омода хоҳанд кард[33].

(в) Барқароршавии самарабахш пас аз **пандемияи COVID-19**: Пандемия осебпазирӣ ва нобаробарии сохториро шадидтар кардааст. Ҷараёнҳои интиқолҳои пулӣ барқарор шуданд, вале оқибатҳои манфӣ боқӣ мемонанд – бад шудани вазъи саломатӣ, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ ва норасоии онҳо. Ин омилҳо ҳамчунон ба шахсони камбизоат ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ таҳдид мекунанд[34].

24. Фарзияи стратегӣ:

(а) **Камбизоатӣ ва нобаробарӣ:** Барқарорсозии иқтисод идома хоҳад ёфт, аммо камбизоатӣ ва нобаробарӣ, ки ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, минтақаҳои деҳот ва шаҳр таъсир мерасонад, боқӣ хоҳад монд ва онҳо мумкин аст дар натиҷаи оқибатҳои пандемияи COVID-19 ва пайдо шудани вариантҳои нави вирус шадидтар шаванд. Тоҷикистон баромад ба баҳр надорад ва вайроншавии давомдори системаҳои глобалии таъминот метавонанд ба рушди иқтисодӣ таъсири манфӣ расонад, боиси норасоии маҳсулоти озуқаворӣ ва болоравии нархи онҳо шаванд ва ҳамчунин ба дастгирии буҷетии хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонанд.

(б) **Мушкилоти амнияти инсонӣ:** Илова бар ноором иҳо дар Афғонистон ва таҳдидҳои амниятӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ, таниш дар ВМКБ ва низоъҳо бо Ҷумҳурии Қирғизистон мушоҳида карда мешаванд. Ин ҳолатҳо динамикӣ ҳастанд ва метавонанд ба пешниҳоди хидматрасониҳои асосӣ монеъ шуда, боиси ҳаракатҳои ногаҳонии гурезаҳо ва беҷошавии дохилии аҳолӣ шаванд.

(в) **Робитаи мутақобили тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ:** Оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим ва ҳодисаҳои экстремалии обу ҳаво ва офатҳои табиии вобаста ба иқлим нобаробариро дар даромадҳо ва дастрасӣ ба хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, махсусан барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ шадидтар хоҳанд кард.

---

[32] Масалан: Сиёсатҳо фарогир дар бозори меҳнат ва ва кодексҳо ҷиҳати эҷоди ҷойҳои кории бештар мусоид барои занон, ҳалли мушкилоти вобста ба тафовути гендерӣ дар даромад.

[33] Он ба бозёфтҳо, тавсияҳо ва посухи роҳбарият ба арзёбии Чаҳорчӯби кумакҳои СММ барои рушд (ЮНДАФ) дар Тоҷикистон барои солҳои 2016-2022 асос ёфтааст. Стратегияи мазкур бо хулосаҳои варақаи арзёбии ГК СММ SWAP ва нашрияи омории "Занон ва мардон дар Тоҷикистон" ҳамоҳанг карда хоҳад шуд.

[34] Мутобиқи пешгӯиҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ то охири соли 2021 пандемия ба он оварда мерсонад, ки боз 4,3 миллион нафари дигар дар берун аз хати камбизоатӣ бо даромади баландтар аз миёнаи 5,50 доллари ИМА дар як рӯз қарор хоҳанд гирифт. Ҳарчанд паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон пешбинӣ мешавад, сатҳи баланди таваррум ва маҳдудиятҳои эмгузаронӣ маънои онро дорад, ки аҳолии камбизоат ва осебпазир бо таҳдиди набудани маҳсулоти озуқаворӣ ва кор рӯ ба рӯ мешаванд. Бонки ҷаҳонӣ, Экономическое обновление ЕЦА, тирамоҳи соли 2021, 21, 127-128. Ниг. ҳамчунин: Бонки ҷаҳонӣ, Вакцинация, рабочие места и социальная помощь - ключевые факторы снижения бедности в Центральной Азии, октябри соли 2021. Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ афзоиши ММД-и воқеиро дар сатҳие 4-4,5% то соли 2026 пешбинӣ мекунанд, ки ба нишондиҳандаҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мувофиқат мекунад. Хазинаи байналмилалии асъор, Перспективы развития мировой экономики на октябрь 2021 года, 40, 116; Экономическое обновление ЕЦА Всемирного банка, тирамоҳи соли 2021. 22.

## Тасвир. Назарияи тағйироти Чаҳорчӯби ҳамкорӣ [35]




[35] Иқтибос аз: PBL Агентии Ҳолланд оид ба арзёбии муҳити зист (Netherlands Environmental Assessment Agency), 2018.

## 3.3 Натиҷаҳои ниҳоии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва шарикӣ

**Натиҷаи I . Рушди фарогири инсонӣ**

То соли 2026 системаҳо ва хидматрасониҳои тандурустӣ, амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ бештар самарабахш, фарогир, ҳассос ба масъалаҳои гендерӣ ва ба таври муносиб маблағгузорӣ карда мешаванд.

25. Назарияи тағйирот барои ин натиҷа аз он иборат аст, ки талошҳо барои таъмини саломатӣ ва некӯаҳволии одамон дар Тоҷикистон аз афзоиши ҳаҷмҳои сармоягузориҳои баробар ба хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва гигиена, амнияти озуқаворӣ, ғизохурӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ вобаста хоҳанд буд. Дар навбати худ, хидматрасониҳои босифат ва дастраси асосӣ ба баланд шудани сатҳи устуворӣ, дастрасӣ ба воситаҳои рӯзгузаронӣ ва таҳкими нишондодҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Қарорҳо оид ба банақшагирӣ ва маблағгузорӣ бояд бо дарназардошти хавфҳои афзоишёфта дар натиҷаи пандемияи COVID-19 ва шокҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии вобаста ба он, инчунин хавфҳои назарраси офатҳои табиӣ ва хатарҳои вобаста ба таниш ва низоъҳои минтақавӣ тағйир дода шаванд.

26. Системаи СММ моделҳо ва роҳиҳалҳои сиёсиро барои кумак ба ҳукумат пешниҳод мекунад: а) беҳтар кардани сифат ва фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ бо хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ; б) истифодаи ҳадди аксари фазои вуҷуддоштаи молиявӣ барои хароҷоти бештар самарабахш ба бахши иҷтимоӣ; в) таҳкими фаъолият ва иштироки шаҳрвандон дар таҳияи сиёсат ва пешниҳоди хидматрасониҳо. Ин сатҳи устувориро баланд бардошта, стратегия ва натиҷаҳои интизоршавандаро дар чаҳорчӯби Натиҷаи 1 тавассути таъмини дастгирии зарурии иҷтимоӣ барои кӯдакон, шаҳрвандони ҷавон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир ҷиҳати комилан боз намудани потенсиали онҳо такмил хоҳад дод.

27. Дар чаҳорчӯби ҳамкорӣ вариантҳо ва роҳиҳалҳо бо дарназардошти **шаш шарти муҳими муваффақият** пешниҳод карда мешаванд:

а) **Тақвияти системаҳо ва механизмҳои ҳифзи иҷтимоӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фарогирӣ, баланд бардоштани сифат ва муносиб будани кумакпулиҳо ва хидматрасониҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҷалби бештар васеи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ.** Мутобиқи стратегияҳои миллӣ вазоратҳо ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳҳои марказӣ ва маҳаллӣ дар муайян ва арзёбӣ намудани ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазир, инчунин мутобиқсозии стратегияҳо, нақшаҳо, буҷетҳо ва механизмҳои мониторинг бо дарназардошти фарогир будан, ҷанбаҳои гендерӣ ва додаҳои воқеӣ дастгирӣ карда мешаванд.

(б) **Имкониятҳои нав дар низоми маориф барои васеъ намудани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва фарогир дар тӯли тамоми ҳаёт ва рушди маҳоратҳо барои дарёфти шуғл ва рушди устувор ҷорӣ карда шудаанд.** Бо пайваст намудани таҳсилот бо имконияти шуғл, системаи СММ сиёсатҳо ва барномаҳои таҳсилоти бештар фарогир ва босифатро дастгирӣ хоҳад кард, ки ба туфайли онҳо ҳамаи кӯдакон ва ҷавонон дар асри 21 маҳоратҳоро[36] барои шуғли бомуваффақият дар шароити диверсификатсияи иқтисод ва бозори бештар қавии расмии меҳнат касб хоҳанд кард. Муваффақият дар низоми маориф аз зиёд шудани таваҷҷуҳ ба сифати таълим ва омӯзиш, натиҷаҳои омӯзиш ва робитаҳои зичтари байни низомҳои таҳсилот ва омӯзиш, корфармоёни бахши хусусӣ ва иттифоқҳои касабаи корфармоён вобаста хоҳад буд.

(в) **Дар низоми тандурустӣ ва рушди кӯдакони хурдсол дастрасии ҳамаҷониба ба хидматрасониҳои босифат, дастрас, ба хавф асосёфта ва маҷмӯӣ таъмин карда шудааст.** Тақвияти низоми тандурустӣ ва таҳкими саломатӣ таваҷҷуҳи бештарро ба таъмини сифат, такмили маблағгузорӣ ва системаҳои иттилоотии тиббӣ, баланд бардоштани тавоноии техникии

---

[36] Маҳоратҳои байнисоҳавии асри 21 (масалан, коммуникатсия, кор дар даста ва эҷоди шабакаҳо, тафаккури интиқодӣ ва ҳалли мушкилот, ташаббускорӣ ва устуворӣ) ва малакаҳои амиқ дар як ё чанд касб, масалан, ТИК, гармкунандагони деги ҳароратӣ, пармагар, кафшергарон. Иттиҳодияи Аврупо, Стратегия развития навыков для промышленности до 2030 года, 2019. Ниг ҳамчунин: Ташкилоти байналмилалии меҳнат, Skill-up, 2021; AES, What are 21st century skills, 2021.

кормандони тиббӣ ва самарабахшии иқтисодии маводи доруворӣ, ваксинаҳо ва таҷҳизоти тиббӣ талаб мекунад. Ҷонибҳои асосии манфиатдор дар соҳаи тандурустӣ имкониятҳои васеъ барои таҳияи буҷети ба натиҷа асосёфта, таҳлили фазои молиявӣ ва хароҷот, инчунин баланд бардоштани самарабахшии хароҷот барои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ хоҳанд дошт. Дар сиёсати тандурустӣ ва стандартҳои хидматрасонӣ диққат ба омилҳои осебпазирӣ ва набудани табъиз равона карда мешавад. Таъсис додани заминаҳо барои таҳкими саломатӣ ва некӯаҳволии кӯдакон (0-3 сола) муҳим аст[37]. Ҳамкории СММ ба ҷорӣ намудан, таъмини сифат ва мониторинги **самарабахшии дастрасӣ ба ширхоргоҳҳо ва кӯдакистонҳо**, махсусан дар минтақаҳои дорои сатҳи пасти хидматрасониҳо нигаронида хоҳад шуд. Ҳамчунин, зарур аст, ки системаи ошкорсозии барвақти ақибмонӣ дар рушд ва вокуниши мувофиқ ба мушкилот дар низомҳои маориф тақвият дода шавад.

(г) Таҳкими идоракунӣ, банақшагирӣ, пешниҳод ва мониторинги хидматрасониҳои одилона, бехатар ва дастрас дар бахши обтаъминкунӣ ва гигиена (WASH) бо дарназардошти хавф. Дар дастрасӣ ба хидматрасониҳои вобаста ба таъмини об, санитария ва гигиена, махсусан дар минтақаҳои деҳот ва минтақаҳои аз низоъ зарардида, инчунин гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ холигоҳҳои назаррас вуҷуд доранд[38]. Ҳамкории СММ имконият медиҳад, ки тавоноии институтсионалӣ барои қонеъ кардани тақозо ба хидматрасониҳои босифат, коҳиш додани парокандагӣ дар сохторҳои идоракунӣ ва такмил додани системаҳои танзим ва мониторинг тақвият дода шавад.

(ғ) **Тақвияти тавоноии институтсионалӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории гурӯҳҳо ва хонаводаҳои осебпазир ва таъмини дастрасӣ ба хидматрасониҳои вобаста ба ғизохурӣ, инчунин ташаккули моделҳои мувофиқи рафтор.** Тақрибан аз се хонавода як хонавода норасоии мӯътадил ё шадиди маҳсулоти озуқавориро эҳсос мекунад; тақрибан ҳар даҳум хонавода норасоии шадиди маҳсулоти озуқавориро эҳсос менамояд[39]. Камғизои дорои микёсҳои назаррас ва шаклҳои гуногун бо камхӯрии доимӣ ва норасоии микроэлементҳо, инчунин ба вуҷуд омадани вазни зиёдатӣ ва фарбеҳӣ мебошад. Мувофиқи арзёбиҳо, талафоти иқтисодӣ аз ин падида 1 фоизи ММД-ро дар як сол ташкил медиҳад[40]. Дар тавоноии институтсионалӣ ҷиҳати таъмини сифати хидматрасониҳо ва фарогирии аҳолӣ дар бахши ғизохӯрӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои мувофиқи ғизохӯрӣ дар ҷомеаҳо холигоҳҳо вуҷуд доранд. Ҳамкории СММ ба таҳкими тавоноӣ дар бахши банақшагирӣ, таҳияи буҷет, татбиқ, мониторинги сифат ва фарогирии аҳолӣ бо хидматрасониҳои вобаста ба ғизохурӣ бар асоси додаҳои воқеӣ, инчунин ҷорӣ кардани таҷрибаҳои мувофиқи ғизохурӣ ва нигоҳубин дар хонаводаҳо ва ҷомеаҳо нигаронида хоҳад шуд.

(д) **Васеъ намудани иштироки ҷомеаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи сиёсат ва пешниҳоди хидматрасониҳо бо дарназардошти хавфҳо.** Талошҳои системаи СММ ҷалби ҷомеаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар таҳияи сиёсат ва барномаҳои иҷтимоӣ тақвият медиҳанд. Ин адолат, эътимод ва ваҳдати иҷтимоиро тақвият намуда, ба коҳиш додани ҳолатҳои табъизи гендерӣ ва дарканормонӣ мусоидат мекунад.

28. **Фарзияҳо**: Назарияи тағйирот бар чаҳор фарзияи асосӣ вобаста аст:

(a) Ҳукумат барои бахши иҷтимоӣ захираҳои банақшагирифташудаи буҷетиро ҷудо мекунад;
(b) Эътирофоти сиёсӣ ва стратегӣ дар бораи зарурати ҳалли мушкилоти вобаста ба табъиз, дар

[37] Таҳлили иқтисодии сармоягузориҳо ба рушди барвақт нишон медиҳад, ки фоидаи оянда аз сармоягузориҳо аз ҳисоби афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва музди меҳнат аз 6 то 17 доллари ИМА-ро ба як доллар ташкил медиҳад, ки ба барномаҳои босифат барои кӯдакони хурдсол анҷом дода шудаанд. Ниг.: (1) Серия Лансет Advancing Early Childhood Development: from Science to Scale, 2016; (2) Invest in Early Childhood Development: Reduce Deficits, Strengthen the Economy, ва There's more to gain by taking a comprehensive approach to ECD, J.J. Heckman at the Heckman Equation, 2018; (3) UNICEF, Evidence for ECD Investment, Dec 2015; (4) World Bank, Investing in Early Childhood Development 2015.

[38] Стандартҳо ва хидматрасониҳои вобаста ба обтаъминкунӣ, санитария дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла, беморхонаҳо ва мактабҳо нигаронкунанда мебошанд.

[39] Средние показатели за 2016-2018 гг. Региональный обзор продовольственной безопасности и питания в Европе и Центральной Азии, 2019 год.

[40] Мутобиқи Шохиси глобалии гуруснагӣ, Тоҷикистон дорои сатҳи баландтарини камғизоӣ дар байни ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ мебошад. [https://www.globalhungerindex.org/tajikistan.html]; ЮНИСЕФ ва Бонки ҷаҳонӣ, Отчет об анализе ситуации с питанием, 2012.

канор мондан (изолятсия) ва осебпазирӣ дар сиёсати амалисозии барномаҳои бахши иҷтимоӣ, ҷамъоварии додаҳои саривақтӣ ва боэътимоди гурӯҳбандишуда барои муайян кардани онҳое афзоиш меёбад, ки дар хавфи дарканормонӣ қарор доранд;

(c) Дурнамоҳои иқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши даромад ва маблағгузории давлатӣ барои дастгирии пешниҳоди хидматрасониҳо дар шароити афзоиши шумораи аҳолӣ мусбат боқӣ мемонанд; ва;

(d) Устуворӣ дар механизмҳо ва системаҳои занҷираи таъминот мушоҳида карда мешавад.

**Натиҷаи ниҳоии 2. Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисодӣ**

То соли 2026 муассисаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ барои татбиқи барномаҳои стратегӣ, тадбирҳои инноватсионӣ ва мутобиқ бо ҷанбаҳои гендерӣ оид ба иқтисоди “сабз” ва васеъ намудани фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳамкорӣ хоҳанд кард.

29. Назарияи тағйирот барои ин натиҷа аз он иборат аст, ки рушди иқтисодии “сабз” ва ба инсон нигаронидашуда қарорҳо ва барномаҳои сиёсиро талаб мекунад, ки ба далелҳо бо дарназардошти хавфҳо асос ёфтаанд. Ба туфайли ин барномаҳо камбудиҳои сохторӣ бартараф карда мешавад; онҳо ба рушди системаҳои устувори ғизохурӣ, фароҳам овардани имкониятҳои шуғли шоистаи экологӣ дар бахши расмӣ бо риояи стандартҳои байналмилалӣ ва татбиқи таҷрибаи беҳтарин мусоидат хоҳанд кард. Системаи СММ чораҳои ҳавасмандкуниро дастгирӣ хоҳад кард, ки ба таъмини рушди камкарбон, ҳавасмандгардонии рушди бизнес, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва рушди занҷираҳои эҷоди арзиш ва таҳкими ҳамкорӣ ва тиҷорати фаромарзӣ мусоидат мекунанд. Системаи СММ ба инноватсияҳо бо таваҷҷуҳ ба иқтисоди рақамӣ ва соҳибкорӣ мусоидат мекунад[41]. Ин тақвияти тадбирҳои фаъол дар бозори меҳнат (ALMM), таҳкими стандартҳои меҳнат ва занҷираи эҷоди арзишро дар бар мегирад, то ки шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба фаъолияти меҳнатии пурмаҳсул ва шоиста машғул шаванд[42]. Системаи СММ ҳукуматро дар барқарор намудани робитаҳои мутақобил бо диаспораи тоҷикон, мутахассисон ва соҳибкорон ва ҳамчунин омӯхтани роҳҳои ҳавасмандгардонии сармоягузории интиқолҳои пулӣ ба корхонаҳои пурмаҳсули хурду миёна дастгирӣ хоҳад кард.

30. Дар минтақаҳои наздисарҳадӣ, ки норасоии захираҳоро эҳсос мекунанд, ҳамкории СММ ба тадбирҳо барои баланд бардоштани сатҳи устуворӣ нигаронида хоҳанд шуд. Дар чаҳорчӯби ташаббусҳо барои такмили ихтисос, шуғл ва соҳибкорӣ, минтақаҳо ва гурӯҳҳои осебпазири зарардида аз низоъҳо дастгирӣ карда мешаванд; ин барои пешгирӣ намудан аз ақибмонии баъдии онҳо кумак мекунад. Талошҳои мазкур бо натиҷаҳо дар бахши иқлим ва муҳити зист дар чаҳорчӯби Натиҷаи 3 такмил дода мешаванд (ниг. поён). Ташаббусҳо ба рушди бештар фарогири иқтисодӣ ва барқароршавии самарабахш пас аз пандемия мусоидат хоҳанд кард.

31. Дар чаҳорчӯби ҳамкорӣ роҳиҳалҳо бо дарназардошти **се шарти муҳими муваффақият** пешниҳод карда мешаванд:

(a) Қарорҳои нави сиёсӣ ва меъёрӣ ба **тағйироти сохтории иқтисодӣ** суръат мебахшанд, ки ба манфиатҳои инсон бо дарназардошти хавфҳо нигаронида шудаанд. Онҳо ба сиёсат барои пешбурди ҲРУ ва таҳкими ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ нигаронида хоҳанд шуд. Тадбирҳои сиёсӣ ва барномаҳо барои мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон таҳия карда мешаванд. Тавоноии институтсионалӣ тавассути татбиқи чораҳои молиявие тақвият дода мешавад, ки ба навовариҳо ва таҳқиқоти илмӣ, махсусан дар соҳаҳои истеъмол ва истеҳсолоти устувор, соддагардонии тартиботи савдо ва нақлиёт[43], инчунин

[41] Он қарорҳо ҷиҳати васеъ намудани дастрасӣ ба қарзҳо барои бизнеси хурд ва бизнес-инкубаторҳоро дар бар мегирад

[42] Масалан, сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ, асосан мардон, қисман сатҳи пасти иштироки онҳоро шарҳ медиҳад ва ҳавасмандии аъзоёни зани як хонаводаро барои ҷустуҷӯи кор кам мекунад, ОСО ООН, ҳамон ҷо.

[43] Ин ба Эъломияи Вена дар бораи нақлиёти тоза, бехатар ва солим барои соли 2021 мувофиқ аст. Эъломия таҳияи стратегияи умумиаврупоиро барои табдил додани ҳаракат ба самти партобҳои сифрии газҳои гулхонаӣ ба ҳаво, таъмини серҳаракатӣ ҷиҳати мусоидат ба саломатӣ, инчунин ташкил намудани нақлиёти бехатар ва самарабахш даъват мекунад.

фаъолиятҳои тозаи экологӣ мусоидат мекунанд. Муассисаҳои мавриди ҳадаф ва ширкатҳои бахши хусусӣ метавонанд стандартҳои байналмилалии вобаста ба меъёрҳои экологӣ, иҷтимоӣ (аз ҷумла стандартҳои меҳнат) ва идоракуниро (стандартҳои идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ) ҷорӣ кунанд. Ҳукумат барои таҳияи воситаи муттаҳидшудаи миллӣ барои риояи стандартҳои идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ ва ҳисоботдиҳӣ дастгирӣ карда мешавад[44]. Ин шаффофиятро барои роҳбарони бизнес дар дохили кишвар афзоиш дода, ҳавасмандиҳоро барои афзоиши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ фароҳам меорад.

(б) **Роҳиҳалҳои инноватсионӣ бар асоси озмоишӣ ҷорӣ хоҳанд шуд ва вусъат хоҳанд ёфт**. Онҳо ба корхонаҳои хурду миёна дар соҳаҳои технологияҳои баланд ва иқтисоди «сабз» равона шуда, ба баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии бизнес ва тақвият додани занҷираҳои истеҳсолу фурӯш имконият медиҳанд. Дар чаҳорчӯби ҳамкорӣ стратегияҳову барномаҳои самарабахши таҳким бахшидани системаҳои таъмини озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар минтақаҳои деҳот бо такя ба фермерони хурд, занону ҷавонон ҷорӣ карда хоҳанд шуд.[45] Низоми СММ дар таъмин намудани ин, ки ҷанбаи гендерӣ ва принсипҳои баробарӣ дар сиёсат ва ҳавасмандиҳои рушди бизнеси хурд барои заноне, ки дар хавфи бетаваҷҷуҳ мондан қарор доранд ва дигар гурӯҳҳои осебпазир мутобиқ карда шаванд, нақши муҳим бозӣ хоҳад кард.

(в) **Низоми баланд бардоштани ихтисос**, аз ҷумла таҳсилот ва омӯзиши расмӣ, техникӣ, касбӣ ва ғайрирасмӣ тақвият дода хоҳад шуд. Ин низом аз нигоҳи илмӣ бештар асосдор, динамикӣ, ба бозор нигаронидашуда ва ба гурӯҳҳои осебпазир ва шахсоне, ки ба кор ниёзманданд, аз ҷумла баъзе категорияҳои занон,[46] маъюбон ва паноҳҷӯён дастрас хоҳад буд. Фаъолияти муштарак бо бахши хусусӣ мутобиқати барномаҳои таълимӣ ва талаботҳои ихтисосиро ба тақозои бозори меҳнат таъмин менамояд ва дастрасиро ба таҳсилоти рақамӣ ва технологияҳо вусъат мебахшад.[47] Бо такя ба муваффақиятҳои гузаштаи тадбирҳои фаъол дар бозори меҳнат, низоми СММ дастгирии беназирро ба ҳукумат ва шарикон аз бахши хусусӣ барои санҷидани тадбирҳои инноватсионии дастгирии шуғл пешниҳод менамояд то ба шаҳрвандони осебпазир барои ёфтани кори сазовор кумак расонад. Ин бо низоми тақвиятёфтаи инспексияи меҳнат барои пешбурд ва таъмини риоя шудани стандартҳои меҳнатӣ, беҳсозии саломатӣ ва бехатарӣ дар ҷои кор пурра карда мешавад.

32. **Фарзияҳо**: Назарияи тағйирот аз панҷ фарзияи асосӣ вобаста аст:

(а) Ҳукумат барои пешбурди рушди фарогир ва сабзи иқтисодӣ уҳдадор боқӣ мемонад, ки дар стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ зикр карда шудааст ва дар чаҳорчӯбиислоҳоти банақшагирифташудаи андоз ва танзимкунанда пеш меравад;

(b) Ҳукумат сармоягузориро ба системаи устувори озуқавории кишвар дастгирӣ ва зиёд мекунад;

(c) Ҳукумат бо бахши хусусӣ ҳамкорӣ намуда, ба онҳо барои рушд ва рақобатпазирии бештар фазои зарурӣ фароҳам меорад;

(d) Афзоиши сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ, махсусан барои қаламравҳои дурдаст ва ба таври заиф хидматрасонишаванда ҳамчун шароти ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ ва ҳукумати электронии бештар самарабахш мушоҳида карда мешавад;

(e) Эътироф намудани зарурати ҳалли мушкилоти вобаста ба қувваи кории ғайрирасмӣ ва беҳтар намудани ҳамгиросозии занон, ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир ба бозори расмии меҳнат вуҷуд дорад ва Ҳукумат васеъ намудани тадбирҳои санҷидашуда оид ба ташкил кардани ҷойҳои

[44] Ин ба ратсионализатсияи панҷ системаи асосии ESG дар контексти Тоҷикистон асос ёфтааст: CDP, CDSB, GRI, IIRC ва SASB.

[45] Ин бо Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор аст. Ҳиссаи зиёди аҳолии деҳот талошҳои ҳамоҳангшуда барои тақвият додани системаҳои озуқаворӣ ва баланд бардоштани даромади хоҷагиҳои фермерие, ки ба фермерони хурд ва махсусан хонаводаҳое нигаронида шудааст, ки аз ҷониби занон сарварӣ мешаванд ва ҳамгиросозии онҳоро бо занҷираҳои минтақавии арзиши изофӣ тақозо менамоянд. Хавфҳои кишоварзӣ метавонанд ба набудани амнияти озуқаворӣ, ғизохурии ноқис ва бадшавии шароитҳои зисти аҳолии деҳот, махсусан занон, ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир натиҷа диҳанд.

[46] Занони калонсол, заноне, ки дар минтақаҳои деҳот зиндагӣ мекунанд, заноне, ки хонаводаҳоро сарварӣ менамоянд, занони дорои имкониятҳои маҳдуд, заноне, ки дар маҳбас ҳастанд, заноне, ки зӯроварии оилавӣ ва гендериро таҳаммул кардаанд, занони гирифтори ВНМО, занони бе шаҳрвандӣ, занон-гурезаҳо ва заноне, ки паноҳҷӯянд.

[47] Масалан: AI, IoT, технологияҳои робототехникӣ дар соҳаҳо, бизнес-инкубаторҳо барои стартапҳои баландтехнологӣ.

корӣ ва шуғлро барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ ва гурӯҳҳое идома медиҳад, ки дар пайдо кардани шуғл ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд.

**Натиҷаи 3. Идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ**

То соли 2026 идоракунии захираҳои табиӣ бар асоси сиёсатҳо ва амалҳои ҳамгирошуда ҷиҳати беҳтар кардани мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини воситаҳои рӯзгузаронии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ фарогир ва устувор хоҳад шуд.

33. Назарияи тағйирот барои ин натиҷа дар ҷанбае инъикос меёбад, ки воситаҳои рӯзгузаронии одамон ва рушди камкарбони иқтисод ба шарофати таҳия, ҷорисозӣ ва мониторинги барномаҳои боэътимоди сиёсие бештар зистпазир, фарогир ва устувор мешаванд, ки ба тақвият додани амали идоракунии захираҳои табиӣ равона шуда, ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва сабуксозии оқибатҳои он мусоидат менамоянд. Талафоти иқтисодӣ аз офатҳои табиие, ки бо обу ҳаво алоқамананданд, ҳар сол аз 0,4 то 1,3 дарсади ММД Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Идоракунии ноустувори захираҳои табиӣ ба амнияти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад ва гурӯҳҳои осебпазирро ба хавфи бузургтари камбизоатӣ ва надоштани амнияти озуқаворӣ гирифтор мекунад.[48] Тағйирёбии иқлим, ки фаъолияти инсон ба он вобаста шудааст, ба тағйирёбии боришот ва афзоиши ҳарорат мусоидат менамояд, ки ба хушксолиҳо ва тӯфонҳои зуд-зуд рӯйдиҳанда ва интенсивӣ натиҷа медиҳад. Таназзули захираҳои об, ҳаво, ҷангал ва заминҳои кишоварзӣ талафи гуногунии биологиро суръат мебахшад.[49] Мубориза барои об ҷиҳати истифода дар соҳаҳои кишоварзӣ ва гидроэнергетика ва баҳсҳо ва низоъҳои фаросарҳадии байни ҷомеаҳо натиҷа медиҳад: об захираи калидии амният ва субот дар минтақа мебошад. Кишвар зарфияти маҳдуди мутобиқшаванда дорад; таҳлили таъсир расонидани офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим ба занон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ маҳдуд аст. Осебпазирӣ ба хавфҳои офатҳои табиӣ аҳамияти робитаи муштараки байни рушди фарогир ва устувори иқтисодӣ, ташаккули бештар комплексии сиёсат, коҳиш додани хавфҳои катаклизмҳои табиӣ ва идоракунии устувори захираҳоро *таъкид менамояд*.

34. Ин чолишҳо ва хатарҳо сарҳадҳои маъмурӣ надоранд. Идоракунии самаранок барои таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ мавҷудияти механизмҳои функсионалии ҳамоҳангсозиро дар миқёси кишвар бо мақсади таҳия ва амалӣ кардани сиёсати «уфуқӣ» байни муассисаҳои дахлдор дар ҳамаи сатҳҳо тақозо менамояд, ки ба фаъолияти муштараки байни муҳити зист, энергетика, кишоварзӣ ва воситаҳои рӯзгузаронӣ, махсусан барои ҷомеаҳои деҳот ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ нигаронида шудаанд. Барои пешбурди истифодаи замин бо сатҳи пасти партобҳои гази гулхонаӣ ва муваффақ шудан ба ҳадафҳои миллии мутобиқшавӣ ва сабуксозии оқибатҳои тағйирёбии иқлим амалҳои бетаъхир заруранд.[50] Танзим намудани идоракунии масъалаҳои фаросарҳадӣ ва хавфҳои иқлимӣ барои коҳиш додани шиддат дар дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, махсусан ба об ва ҷорӣ кардани рӯйкард ва дурнамо бо дарназардошти омилҳои низоъ низ зарур аст. Идоракунии маҷмӯии захираҳои об бояд мутобиқ бо Барномаи ислоҳоти соҳаи об ва Стратегияи миллии об дар амал татбиқ карда шавад.

35. Дар чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ вариантҳо ва роҳиҳалҳо бо дарназардошти **чаҳор шарти *муҳими* муваффақият** пешниҳод хоҳанд шуд:

(а) **Тақвият додани сиёсат, стратегияҳо ва рӯйкардҳои банақшагирӣ барои мутобиқшавии бештар самарабахш ба тағйирёбии иқлим ва идоракунии маҷмӯии захираҳои табиӣ; роҳиҳалҳои дорои хусусияти инноватсионӣ, бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ ва**

---

[48] Аз соли 1992 то соли 2016 офатҳое, ки падидаҳои хатарноки табиӣ ва падидаҳои бо иқлим алоқаманд ба онҳо сабаб шудаанд, боиси талафи ММД дар ҳаҷми тақрибан 1,8 миллиард доллари ИМА гардида, тақрибан ба 9 миллион одам таъсир гузоштааст, илова бар ин, таъсири ғайримутаносиб баланд ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ расидааст. СММ, ТУМ, ҳамон ҷо.

[49] Барномаҳо ва стратегияҳои мавҷуда оид ба дастгирӣ кардани ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии ҳудудҳои муҳофизатшаванда ба таври нокифоя маблағгузорӣ мешаванд, ташаббусҳо ноқис назорат мешаванд, додаҳои таҷдидшуда вуҷуд надоранд ва байни соҳаҳо паҳн намешаванд. Гузориш дар бораи вазъи муҳити зист дар Тоҷикистон, 2018.

[50] Масалан, ниг.: Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО), 2016, Арзёбии миллии гендерии кишоварзӣ ва воситаҳои рӯзгузаронӣ дар минтақаҳои деҳот. Тоҷикистон.

**фарогирии ҷавонон заруранд**. Барои идоракунии самарабахш ва экологӣ тақвият додани пойгоҳу нақшаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва меъёрӣ зарур аст. Фаъолият бояд ба рушде, ки сатҳи пасти партобҳои гази гулхонаиро дар пай дорад ва устувории бисёрсоҳавӣ ба тағйирёбии иқлим равона шавад, ки бо уҳдадориҳои интизорравандаи глобалӣ дар Конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP26) ва созишномаҳои глобалии экологие (MEAs) мутобиқ аст, ки Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст.[51]

(b) **Муассисаҳои миллӣ барои таҳлил, амалисозӣ ва мониторинги сиёсат дар соҳаи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим зарфияти қавитар доранд**. Низоми СММ ба инкишофи *тафаккур ва мониторинги систематикӣ* мусоидат хоҳад кард, ки аз чаҳорчӯби консепсияи анъанавии экологӣ берун мебарояд. Ин ба ҳамгиро кардани идеяҳо ва нақшаҳои мутобиқшавӣ, ки дар сатҳи миллӣ таҳия шудаанд, бо дигар нақшаҳову стратегияҳои соҳавӣ дар соҳаи молия ва иқтисоди «сабз», банақшагирии шаҳр ва сохтмони манзил, кишоварзӣ ва истифодаи замин имконият фароҳам меорад. Барои коҳиш додани хавфҳои низоъҳои маҳаллӣ ва фаросарҳадӣ ба сабаби захираҳои табиӣ, низоми СММ равандҳои банақшагирӣ ва баргузории машваратҳоро бо дарназардошти омилҳои низоъ ҷорӣ менамояд.

(c) **Ҷомеаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи чорабиниҳо ва моделҳои экосистемавӣ иштирок мекунанд.** Барои вусъат додани миқёси фарогирӣ дар сатҳҳои марказӣ ва маҳаллӣ барои истифодаи бештар самарабахши захираҳои табиӣ ва тақвият бахшидани ҳифзи гуногунии биологӣ роҳиҳалҳо заруранд. Ин таҳия кардани барномаҳои чаҳорчӯбавии маҷмӯӣ ва аз нигоҳи арзиш ҳисобшуда ва санадҳои дахлдори меъёрӣ дар соҳаи энергетика, олудасозии ҳаво ва идоракунии партовҳоро тақозо менамояд. Ҳамкорӣ бо СММ таъмин менамояд, ки ин тадбирҳо бар додаҳои воқеӣ, бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ асос ёфта бошанд.

(d) **Тақвият додани механизмҳои татбиқ ва системаҳои мониторинг барои таъмин намудани омодагии самарабахш ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда ва офатҳои табиӣ.** Ҳамкорӣ ба амалисозии Стратегияи миллии паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 мутобиқ бо Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай[52] ва Қоидаҳои байналмилалии тиббию санитарӣ мусоидат хоҳад кард. Ин фаъолият имкон медиҳад, ки парокандагии институтсионалӣ коҳиш ёбад ва устувории ҷомеаҳо ва мактабҳо баланд бардошта шавад. Дониш ва тавоноии муассисаҳову ҷомеаҳо барои амалисозии сиёсат маҳдуданд.[53] Дар чаҳорчӯбаи ҳамкории СММ талошҳо дар самти гузариши омодагӣ ба офатҳои табиӣ аз соҳаи сиёсату нақшаҳо ба соҳаи амалисозӣ, бо ҷалби бисёрҷонибаи ҷомеаҳо, махсусан, занон, ҷавонон, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои ихтиёриён ва бахши хусусӣ дар банақшагирӣ ва амалисозии стратегияҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дастгирӣ хоҳанд шуд. Дар ноҳияҳо ва маъмуриятҳои мавриди ҳадаф дар таҳия кардани нақшаҳои маҷмӯӣ, аз рӯи арзиш ҳисобшуда ва бар додаҳо асосёфтаи[54] стратегияҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла, сенарияҳо ва банақшагирӣ барои ҳалли масъалаҳои ҷойивазкуии бузургмиқёси одамон дастгирӣ таъмин хоҳад шуд. Ин рушди тавоноиро барои таҳлил кардани хавфҳои офатҳои табиӣ, беҳсозии банақшагирии ҳудудӣ ва баҳисобгирии талафот барои омодагӣ ва вокуниши беҳтар ба падидаҳои хатарноки иқлимӣ ва офатҳои табиӣ дар оянда пешбинӣ менамояд.

36. **Фарзияҳо**: Назарияи тағйирот бар се фарзияи асосӣ асос меёбад:

(a)Ҳукумат стратегияҳои тасдиқшудаи вобаста ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши оқибатҳои он, иқтисоди сабз, самарабахшии энергия ва кам кардани ба ҳаво партоб

---

[51] Ба онҳо Конвенсияи Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ дар бораи дастрасӣ ба иттилоот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адлия атрофи масъалаҳое, ки бо муҳити зист алоқамандand ва Протокол дар бораи феҳристҳои партобҳои гази гулхонаӣ ва интиқоли олудакунандаҳо дахл доранд.
[52] Барномаи чаҳорчӯбавии глобалии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳо (2015-2030) аз 7 ҳадафи глобалӣ ва 38 нишондиҳандаи глобалӣ иборат аст.
[53] Дар сатҳи маҳаллӣ бо дастгирии низоми СММ ва БРСММ ҳашт мунисипалитет ва шаҳри Скопйе ва мунисипалитетҳои он стратегияҳо оид ба тағйирёбии иқлим бо мақсади паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва баланд бардоштани устуворӣ ба падидаҳои хатарноки иқлимӣ ва офатҳои табииро қабул карданд. ОСО Гурӯҳи кишварии СММ, ҳамон ҷо, боби 3.
[54] Ба додаҳои мавҷуда дар бораи ноҳияҳо ва ҷомеаҳое руҷӯъ менамояд, ки таҳти таъсири офатҳои табиӣ қарор доранд.

кардани газҳои гулхонаӣ, аз ҷумла риояи талабот ва стандартҳои байналмилалии гузоришдиҳӣ ва мониторингро пурра маблағгузорӣ ва амалӣ хоҳад кард;

(b) Ҳукумат сиёсати уфуқиро барои татбиқи ҳамоҳангшуда берун аз вазорату идораҳои ҳифзи муҳити зист қабул мекунад;

(c) Ҳукумат мутобиқи Стратегияи миллии паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва уҳдадориҳои буҷетӣ кӯшишҳоро барои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар саросари кишвар идома медиҳад.

**Натиҷаи 4. Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда**

То соли 2026 идоракунӣ бештар фарогир, шаффоф ва ҳисоботдиҳанда мегардад, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ва коҳиш додани сатҳи зӯроварӣ ва табъиз мутобиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат хоҳад кард.

37. Назарияи тағйирот барои ин натиҷа дар ҷанбае инъикос мешавад, ки ислоҳоти прагматикии идоракунӣ ба тақвият додани системаи ҳисоботдиҳӣ дар сохторҳои идоракунии давлатӣ, дар мақомоти судиву ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ имкон фароҳам меорад. Низоми СММ механизмҳои бештар чандир ва амалиётиро тарғиб ва татбиқ хоҳад кард барои (1) тақвият додани тавоноии уфуқӣ ва институтсионалии ҳамоҳангсозӣ, (2) тақвият додани тавоноии сиёсат дар тӯли тамоми сикли сиёсии Барномаи миёнамуҳлати рушд, аз ҷумла банақшагирӣ, тартибдиҳии буҷетҳо, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва арзёбӣ, (3) васеъ кардани хидматрасониҳои идоракунии электронӣ ва (4) тақвият додани нақши созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаҳову бахшҳои гуногуни идоракунӣ.[55] Ин ба ҳукумат имкон медиҳад, ки бо аҳолӣ барои ташаккул додан ва амалӣ кардани сиёсат, қонунҳо ва хидматрасониҳои давлатии шаффоф, одилона ва бештар ба гендер нигаронидашуда, аз ҷумла дар вокуниш ба низоъҳои ҷории минтақавӣ, фаъолияти муштаракро бештар самарабахш ба роҳ монад. Ин натиҷаҳо *пешшарте* барои муваффақияти талошҳо дар чаҳорчӯбаи афзалиятҳои I ва II оид ба гуногунсозии иқтисодиёт, таъмин намудани хидматрасониҳои асосии босифат ва фарогир ва идоракунии бештар самарабахши хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ мебошанд.

38. Тағйироти мушаххас тақвият додани банақшагирии стратегӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлат, аз ҷумла идоракунии молияи давлатӣ, баланд бардоштани тавоноии танзим ва назорат дар сатҳи марказӣ, инкишоф додани зарфият дар сатҳи мунисипалӣ барои таҳлили самарабахш ва фарогир, қабули қарорҳо, тартибдиҳӣ ва иҷрои буҷетро дар бар хоҳанд гирифт.

Низоми СММ ҳукумат ва шариконро аз ҷомеаи шаҳрвандӣ дар иҷрои тавсияҳои мақомоти ҷониби шартнома ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ дастгирӣ хоҳад кард. Ин (1) сиёсат, қонунҳо ва хидматрасониҳои масъулиятшиноси давлатӣ, аз ҷумла барои вокуниш ба пандемияи кунунии COVID-19 ва вазъи гурезаҳо, паноҳҷӯён ва муҳоҷирон ва (2) механизмҳои боэътимоди иштироки шаҳрвандон ва ба шаҳрвандону гурӯҳҳои осебпазир додани имконияти изҳор намудани бимҳои худ, ҳифз кардани ҳуқуқи худ дар равандҳои ҳуқуқӣ ва муваффақ шудан ба воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ дар сурати нақзи онҳоро дар бар мегирад. Ин метавонад муттаҳидии иҷтимоиро баланд бардорад ва эътимодро ба институтҳо тақвият диҳад.

Талошҳо низ ба истифода бурдани технологияҳо барои муосирсозии фаъолияти давлатӣ, дастгирӣ кардани идоракунии рақамӣ ва васеъ намудани иштироки занон дар қабули қарорҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ равона хоҳанд шуд. Ин ба боздоштани табъиз нисбат ба занон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ имкон медиҳад ва ба ҷалби васеътар дар соҳаи хидматрасониҳои давлатӣ мусоидат хоҳад кард. Муассисаҳои низоми СММ ба дастгирӣ кардани ҳукумат дар самти

[55] Ин бар хулосаҳо ва тавсияҳои арзёбии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд дар Тоҷикистон асос ёфтааст, 2016-2022. 8, 72, 80.

ҷамъоварии додаҳое, ки бо Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (ҲРУ) алоқаманданд ва истифодаи онҳо барои тақвият додани пойгоҳи исботкунандаи сиёсат ва нақшаҳое, ки бо Стратегияи миллии рушд (СМР), Барномаи миёнамуҳлати рушд ва ҲРУ ҳамоҳанг мебошанд, идома хоҳад дод.

39. Қатъи зӯроварӣ тағйироти гузаришиpo барои бартараф намудани меъёрҳои зиёнбахши иҷтимоӣ ва барқарорсозии тавозуни муносибатҳои муштарак дар мақомоти ҳокимият тақозо менамояд. Ин талошҳои зеринро дар бар мегирад: (a) Ошкор ва бартараф кардани холигоҳҳо дар пойгоҳҳои қонунгузорӣ, институтсионалӣ, барномавӣ ва буҷетӣ бо мақсади таъмин намудани баробарии гендерӣ ва васеъ кардани ҳуқуқу имкониятҳои занон (GEWE) ва ҳуқуқи кӯдак, инчунин тақвият додани мониторинг ва риояи қонунҳо; (b) Тақвият додани ҷамъоварӣ ва истифодаи омори инъикоскунандаи масъалаҳои гендерӣ ва аз нигоҳи ҷинсӣ гурӯҳбандишуда; (c) Пешбурди рӯйкардҳои маҷмӯӣ ба сиёсат ва таъмини хидматрасониҳое, ки нобаробарии гендерӣ ва азияти кӯдаконро инъикос менамоянд ва дар гурӯҳҳои гуногун ва дар ноҳияҳои мухталифи ҷуғрофӣ ба таври гуногун зоҳир мешаванд; (d) Тақвият додани иштироки созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба занон, ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ хидмат мерасонанд; ва (e) Тақвият додани механизмҳои институтсионалӣ барои иҷрои тавсияҳо ва ҷорисозии механизмҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон.

40. Барои коҳиш додани хавфи низоъҳои фаросарҳадӣ, мусоидат намудан ба устуворӣ ва муттаҳидии бузурги иҷтимоӣ низоми СММ механизмҳоеро ҷорӣ ва тақвия хоҳад кард, ки иштироки шаҳрвандон ва озодии изҳори ақидаҳоро баланд хоҳанд бардошт ва ба бегонашавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ вокуниш нишон хоҳанд дод. Фаъолият ба арзишҳову меросҳои умумӣ, ба тақвият додани таҳаммул нисбат ба дигарандешӣ; ба васеъ кардани имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазир ва ҷавонон барои иштирок дар равандҳои қабули қарор дар сатҳи маҳаллӣ, ки бо дастрасӣ ба захираҳо алоқаманданд, равона хоҳад шуд. Талошҳо дар самти пешгирӣ кардани ифротгароии хушунатомез, терроризм ва ҷиноятҳои муташаккилона мутобиқ бо стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи ислоҳоти судӣ ва низоми зиндонҳо, дастгирӣ хоҳанд шуд.

41. Дар чаҳорчӯби ҳамкорӣ вариантҳо ва роҳиҳалҳо бо дарназардошти ***шартҳои*** зерини **муваффақият** пешниҳод хоҳанд шуд:

(a) **Тақвият додани иқтидор ва асосҳои идоракунӣ, таъмин намудани волоияти қонун бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ, роҳ надодан ба табъиз**, ки бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқанд. Муассисаҳои давлатӣ барои таҳия ва таъмин намудани хидматрасониҳои босифат ва фарогири давлатӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ ва далелҳои мушаххас, аз ҷумла мониторинг ва назорати мустақил, имкониятҳои нав ба даст меоранд. Ин сиёсат, қонунҳо ва хидматрасониҳои чандири давлатӣ барои ҳалли масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки бо пандемияи идомадори COVID-19 ва вазъи гурезаҳо, паноҳҷӯён ва муҳоҷирон алоқаманданд.[56] Талошҳо ба ҷорисозии технологияҳо барои муосирсозии фаъолияти идоракунии давлат,[57] аз ҷумла, идоракунии воситаҳои молиявии давлатӣ, тақвият додани мубориза бо коррупсия[58] ва дастгирӣ кардани идоракунии рақамӣ, инчунин васеъ намудани иштироки занон дар қабули қарорҳои сиёсиву иқтисодӣ равона шудаанд. Талошҳои махсус барои ҷанбае тақозо мешаванд, ки гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба хидматрасониҳову платформаҳои рақамӣ дастрасии озод дошта бошанд. Дорандагони ҳуқуқ, махсусан аз гурӯҳҳои осебпазир, ба иттилоот ва хидматрасониҳо, аз ҷумла кумаки ройгони ҳуқуқӣ, имконияти изҳор намудани бимҳои худ ва ҳифз кардани ҳуқуқҳои худ дар форумҳо ва равандҳои расмии ҳуқуқӣ, инчунин муваффақ шудан

---

[56] Дастгирии иттилоотӣ-тарғиботӣ ва техникии низоми СММ ба бознигарии Қонун дар бораи сабти асноди шаҳрвандӣ мусоидат хоҳад кард, чунки гурезаҳо, паноҳҷӯён ва шахсони бешаҳрвандӣ аз хидматрасониҳои мавҷудаи ҳифзи иҷтимоӣ хориҷ шудаанд. Дар Нақшаи миллии вокуниш ба COVID-19 барои шахсони бешаҳрвандӣ ягон муқарраротт пешбинӣ нашудааст. СММ, ТУК. Ҳамон ҷо.

[57] Масалан: Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хидмати давлатӣ барои гузариш ба бакоргирӣ ба хидмати давлатӣ, ки ба хидматҳои шоиста, натиҷаҳои кор ва ба хидмати устувор ва касбии давлатӣ асос ёфтааст.

[58] Ин дастгирӣ тақвият додани пойгоҳ, сиёсат ва стратегияҳои қонунгузорӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои муташаккилона, пешгирии ҷараёнҳои ғайриқонунии молиявӣ ва пулшӯӣ, баргардонидани дороиҳо ва тақвият додани фаъолияти муштарак бо Механизмҳои бознигарии иҷрои Конвенсияи СММ бар зидди коррупсияро (UNCAC) дар бар мегирад.

ба дарёфти воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ дар сурати нақзи онҳо, дастрасии васеътарро дар ихтиёр хоҳанд дошт.

(b) **Тақвияти иқтидори миллӣ ва маҳаллӣ барои таҳия, татбиқ ва мониторинги сиёсат ва қонунгузорӣ дар бахши амният, ваҳдати иҷтимоӣ ва сулҳофаринӣ**. Ин тағйирот ба минтақаи шимолии сарҳад бо Ҷумҳурии Қирғизистон дахл дорад. Низоми СММ баланд бардоштани устувории ҷомеаҳои наздисарҳадиро бо ёрии ташаббусҳои инноватсионии маҳаллӣ барои бартарафсозии масъалаҳои мустақими иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳалли низоъҳое, ки ба сабаби захираҳо, аз ҷумла об ва чарогоҳ ба вуқӯъ пайвастаанд, дастгирӣ хоҳад кард. Низоми СММ **дар ҳар ду ҷониби сарҳад** кор карда, вазоратҳо ва мақомоти амниятӣ, шарикони байналмилалӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба коҳиши фаъолонаи шиддат ва рафъи ихтилофи назарҳо байни ҷомеаҳо ва давлатҳо ҷалб менамояд ва ташаббусҳои прагматикиеро дастгирӣ менамояд, ки ба муколамаи дохилиҷамоавӣ ва фаросарҳадӣ, таҳкими эътимод ва оштӣ мусоидат мекунанд. **Ҷавонон** қодиранд, ки барои ваҳдати иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои аз ҳам ҷудошуда ақидаҳои алтернативиро пешниҳод кунанд. Бо ин мақсад, таваҷҷуҳи махсус ба созмонҳое зоҳир хоҳад шуд, ки бо ҷавонон ва пешвоён кор мекунанд ва ба онҳо имкониятҳои инкишоф додани иқтидори нави таҳия ва амалӣ кардани барномаҳои сулҳофаринӣ якҷо бо ҳамсолони онҳо, инчунин барои дастгирӣ кардани ташаббусҳо дар соҳаи маориф ва шуғл, ки ба пешгирии ифротгароии хушунатомез мусоидат менамоянд, фароҳам оварда хоҳанд шуд.

(c) **Ҷомеаҳо, воситаҳои ахбори омма ва гурӯҳҳои осебпазир барои мониторинг ва иштирок дар раванди қабул кардани қарорҳо ва аз байн бурдани меъёрҳои зараровари иҷтимоӣ аз малакаҳо ва имкониятҳои нав истифода мебаранд.** Ин натиҷа «аз тарафи тақозо» ба васеъ кардани фазои шаҳрвандӣ кумак расонида, барои озодии изҳори ақидаҳо ва иштирок дар қабули қарорҳо имкониятҳои зиёдро таъмин менамояд. Ин метавонад менталитетро тағйир диҳад ва рафтори нави шаҳрвандонро ташвиқ намояд, ки онҳо ҳуқуқи худро ба идоракунии дуруст ва хидматрасониҳои босифат ҳифз карда тавонанд. Рӯйкардҳои нав ба машваратҳои ҷамъиятӣ ва ҷалби шаҳрвандон бо такя ба ҷавонон ва фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ санҷида хоҳанд шуд. Дар вазоратҳо ва муассисаҳои мавриди ҳадаф хидматчиёни давлатӣ метавонанд малакаҳои нави[59] сиёсати инноватсиониеро зоҳир кунанд, ки бар далелҳо, ҳамкории байнисоҳавӣ ва машваратҳои ҷамъиятӣ асос ёфтаанд.

(d) **Тақвият додани чаҳорчӯбҳои сиёсӣ ва хадамот барои пешгирӣ аз вайронкунии ҳуқуқи инсон, зӯроварӣ нисбат ба занону кӯдакон, зӯроварии гендерӣ ва вокуниш ба онҳо**. Натиҷаи мазкур ба таъмин намудани дастгирӣ ба муассисаҳои мавриди ҳадаф дар таҳия ва ҷорисозии механизмҳои қавитари ҳисоботдиҳӣ ва мониторинг, инчунин системаҳои равонасозӣ барои амалисозии сиёсати миллӣ дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои табъиз аз рӯи нишонаи ҷинсӣ, пешгирии зӯроварӣ ва вокуниш ба ин падида мусоидат хоҳад кард. Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандие, ки дар соҳаи мубориза бо зӯроварӣ ва табъиз кор мекунанд, доираи дониши худро васеъ мекунанд ва имкониятҳои шинохтан ва вокуниш нишон додан ба зӯроварӣ ва рафтори зиёнбахши иҷтимоиеро тақвият медиҳанд, ки асоси онро ташкил медиҳанд (аз ҷумла, созмонҳо барои мардону писарон). Занону духтарон ва ҷонибдорони баробарии гендерӣ барои роҳнамоӣ, иштирок ва таъсиргузорӣ ба равандҳои қабули қарорҳо дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ тавоноӣ ва имкониятҳои баландтар хоҳанд дошт.

42. Ҳамкорӣ бо талошҳо дар чаҳорчӯбаи афзалияти I дар самти тақвият додани шароитҳои институтсионалӣ барои эҷод кардани системаҳои бештар самарабахш, одилона ва фарогири тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла самтҳои бисёрсоҳавии пешгирӣ ва таъмини муҳофизат аз зӯроварии гендерӣ, муносибати бераҳмона ва истисмори кӯдакон алоқамандии наздиқ хоҳад дошт.

43. **Фарзияҳо**: Назарияи тағйирот бар шаш фарзияи асосӣ асос меёбад:

[59] Ниг. 6 хусусияти хидмати давлатии дорои «самарабахшии баланд» М. Ҷарвис, Маркази Моват, Мактаби сиёсат ва идоракунии давлатӣ, Донишгоҳи Торонто, 2016.

а) Ҳукумат стратегияи миллӣ оид ба ҳуқуқи инсонро мутобиқи уҳдадориҳои худ ва стандартҳои байналмилалӣ қабул мекунад;
(b) Ҳукумат ба масъалаҳои волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон диққат медиҳад ва барои рушди иқтидор ва татбиқи тавсияҳои қабулшудаи Шарҳи универсалии давравӣ ва дигар мақомот, механизмҳои ҳуқуқи инсон рӯйкарди умумидавлатиро қабул мекунад;
(c) Ҳукумат барои муассисаҳои миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ маблағгузории мувофиқ ва салоҳиятҳоро таъмин менамояд;
(d) Ҳукумат фазои сиёсиро барои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма барои иштирок дар сиёсати давлатӣ ва қабул кардани қарорҳо фароҳам меорад;
(e) Барои маблағгузорӣ ва татбиқи сиёсат ва барномаҳои миллӣ оид ба барҳам додани зӯроварӣ иродаи сиёсӣ вуҷуд дорад;
(f) Ҳукумат тавсияҳои мақомот ва механизмҳои бар асоси шартнома амалкунанда дар бораи ҳуқуқи инсон, инчунин хулосаҳои шарҳи миллӣ оид ба Пекин 25-ро қабул мекунад, ки фазои мусоиди сиёсӣ ва молиявиро ба вуҷуд меорад;

44. **Принсипҳои роҳбарикунандаи барнома**: Ҳамкорӣ дар асоси (1) Фарогирӣ (инклюзивӣ) ва адолат, ки «ҳеҷ кас дар канор намонад», (2) Ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, васеъ кардани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (GEWE), (3) Устуворӣ ва зистпазирӣ ва (4) Ҳисоботдиҳӣ, аз ҷумла, мавҷудият ва истифодаи додаҳои босифат амалӣ мешавад. Дар сатҳи барнома бар асоси «ҳеҷ кас дар канор намемонад» ва стратегияҳои ҳамкорие, ки якдигарро ба таври муштарак пурра мекунанд[60]:

- **Ҳамкории байнисоҳавӣ ва дастгирии ҳамоҳангшудаи сиёсат**: Хусусияти дорои робитаи муштараку маҷмӯии афзалиятҳо ва натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ рӯйкардҳо ва ҳамоҳангсозиҳои байнисоҳавии сиёсиро байни мақомоти давлатӣ ва муколамаро барои расидан ба созиш дар атрофи афзалиятҳои умумӣ тақозо менамояд.
- **Рӯйкарди минтақавӣ**: Мутобиқ бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд ва сохторҳои дахлдори минтақавии низоми СММ иштироки Тоҷикистонро дар ташаббусҳои минтақавие дастгирӣ хоҳад кард, ки ба ҳамгиросозии иқтисодӣ,[61] муколамаи фаросарҳадӣ ва таҳкими эътимод мусоидат менамоянд ва хавфҳо аз баҳсҳои сарҳадӣ ва низоъҳо барои захираҳоро коҳиш медиҳанд. Ин ҷо чунин платформаҳое монанди Барномаи махсуси СММ барои иқтисодҳои Осиёи Марказӣ (СПЕКА), ки ба рушди ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ, коммуникатсионӣ ва экологӣ равона шудааст ва Барномаи амали Вена барои кишварҳои дорои сатҳи камтарини рушд, кишварҳои дар ҳоли рушд, ки ба баҳр баромад надоранд ва давлатҳои хурди ҷазиравии дар ҳоли рушд ворид мешаванд.
- **Амалисозӣ**: Талошҳои бо сиёсат созгор кардани буҷет барои иҷро; амалисозии самарабахш дар сатҳи маҳаллӣ бо иштироки субъектҳои маҳаллӣ, ки мониторинг, арзёбӣ ва омӯзишро ба таври самарабахш анҷом хоҳанд дод. Ҳукумат ва низоми СММ фарҳанги андозагирӣ, мониторинг, арзёбӣ ва омӯзишро бо механизмҳои коромади мониторинг, идоракунӣ ва таҳлили натиҷаҳо, инчунин ошкор ва бартараф кардани холигоҳҳо дар фаъолиятҳои афзалиятдори кишвар ва Ҳадафҳои муносиби рушди устувор дастгирӣ хоҳанд кард.
- **Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ**: Дар чаҳорчӯби тамоми ҷамъбастҳо низоми СММ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври бештар пайваста ва стратегӣ фаъолияти муштаракро анҷом хоҳад дод.[62] Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла доираҳои илмӣ ва гурӯҳҳои ихтиёриён барои сафарбарсозӣ ва таҳкими иштироки аҳли ҷомеа дар таҳияи сиёсат ва таъмини хидматрасониҳои асосӣ накши ҳаётан муҳим бозӣ мекунанд.
- **Ҷалби бахши хусусӣ**: Низоми СММ бо бахши хусусӣ, махсусан бо корхонаҳои хурду миёна, барои муайян кардани «арзишҳои умумие», ки бо Ҳадафҳои рушди устувор, Стратегияи миллии рушд ва Барномаи миёнамуҳлати рушд алоқамананд, фаъолияти муштаракро анҷом хоҳад

---

[60] Ба шумули: Парламент, бахши хусусӣ, аз ҷумла сармояи хусусии саҳҳомӣ, институтҳои байналмилалии молиявӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма, донишгоҳҳо, институтҳои мустақили таҳқиқотӣ ва сиёсӣ.
[61] Стратегияи миллии рушд 2030, 2.2: Вусъат додани ҳамгиросозии иқтисодии минтақавӣ ва рушди инфрасохтори муосири транзитии байналмилалӣ, ки қодир аст оқибатҳои дурафтодагии ҷуғрофии Тоҷикистонро сабук кунад ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ҷаззобияти инвеститсионии онро баланд бардорад.
[62] Ин ба хулосаҳо ва тавсияҳои 2 арзёбии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд дар Тоҷикистон асос ёфтааст, 2016-2022, 81.

дод. Низоми СММ метавонад бахши хусусиро дар ҷорисозии амалкардҳои бехатари экологӣ, ки бо стандартҳои байналмилалии идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ мутобиқанд, тавассути фаъолияти муштарак бо механизмҳои миллии банақшагирӣ ва буҷети давлатӣ дастгирӣ намояд.

» **Иштироки ҷавонон**: Дар чаҳорчӯби ҳамаи афзалиятҳо ва натиҷаҳо талошҳои ҳамкорӣ бояд ба ҷанбае равона шаванд, ки ҷавонон (15-30 сола), махсусан занон ва намояндагони гурӯҳҳои осебпазир, дар рушди кишвар бештар фаъолона иштирок карда тавонанд.

» **Пайвастшавӣ ва маҳоратҳои рақамӣ**: Пешбинӣ кардани эҳтиёҷоти оянда дар маҳоратҳо ва корбурди онҳо дар чаҳорчӯби афзалиятҳо ва натиҷаҳои ҳавасманд кардани имкониятҳои инноватсионӣ ба нафъи рушди устувор ва ҷомеаи фарогир.

## 4. Нақшаи амалисозӣ

45. Ҳукумат ва низоми СММ механизмҳои аз нигоҳи иқтисодӣ самарабахш ва ҳамоҳангшударо барои банақшагирӣ, маблағгузорӣ, амалиосзӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва саҳми интизорравандаи онҳо ба афзалиятҳои кишвар ва Ҳадафҳои алоҳидаи рушди устувор истифода хоҳанд бурд. Рафъи масъалаҳои сохторӣ инҳоро дар бар хоҳад гирифт: (1) фаъолияти муштараки тақвиятёфта ва бештар пайваста бо ҳукумат ва шарикон аз созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти банақшагирӣ, амалисозӣ ва мониторинги кори Чаҳорчӯби ҳамкорӣ, (2) тақвиятдиҳии назарраси тавоноӣ барои рушди малакаҳои амалӣ ва вусъат додани таҷрибаи пешқадам.[63] Ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо дар самти рушд барои дастгирӣ кардани Тоҷикистон ҷиҳати муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва афзоиши маблағгузории рушд ҷузъи калидии ҳамкории низоми СММ мебошад. Ин амал ба воситаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба рушд, ки ҳоло онро Ҳамоҳангсози доимии СММ роҳбарӣ менамояд, шарикиҳои дуҷониба ва муколамаҳои стратегӣ анҷом дода хоҳад шуд. Ба шарофати банақшагирӣ, амалисозӣ, мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва арзёбии ҳамоҳангшуда, Кумитаи роҳбарикунанда ва Ҳамоҳангсози доимии СММ таъмин менамоянд, ки абзорҳои барномавии муассисаҳои мушаххас барои расидан ба натиҷаҳо, стратегияҳо ва шарикиҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ мусоидат кунанд.[64]

### *4.1 Роҳбарии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ*

46. Барнома дар сатҳи миллӣ таҳти ҳамоҳангсозии умумии Вазорати рушди иқтисод ва савдо амалӣ хоҳад шуд. Мақомоти ҳамоҳангсози ҳукуматӣ барои барномаҳои мушаххаси муассисаҳои низоми СММ дар **Замимаи С** инъикос шудаанд. Вазоратҳои давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ, гурӯҳҳои ихтиёриён ва муассисаҳои низоми СММ фаъолиятҳои барномавиро амалӣ хоҳанд кард. Чаҳорчӯби ҳамкорӣ тавассути таҳия кардани нақшаҳои муштараки кор[65] ва/ё ҳангоми зарурат, нақшаҳои кории муассисаҳои мушаххас ва санадҳои лоиҳавӣ дар амал татбиқ хоҳад шуд. Дар нақшаҳову санадҳои мазкур натиҷаҳои мушаххаси интизорраванда тавсиф хоҳанд шуд. Нақшаҳо ва санадҳо қарордоди байни муассисаҳои низоми СММ ва ҳар як шарики амалисозӣ, ҳангоми зарурат, дар бораи истифодаи захираҳо хоҳанд буд. То ҳадди имкон, муассисаҳои низоми СММ ва шарикон камтарин маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, маҳз, Барномаи имзошудаи ҳамкорӣ ва нақшаҳои кории муштарак ё мушаххас барои ҳар як муассиса ва санадҳои лоиҳавӣ барои амалисозии ташаббусҳои барномаро истифода хоҳанд бурд. Вале ҳангоми зарурат ва ҳар ҷое, ки ин бамаврид аст, санадҳои лоиҳаро, махсусан бо истифода аз матни дахлдори Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва нақшаҳои кории муштарак ё мушаххас ва/ё санадҳои лоиҳавии муассисаҳо метавон омода кард.[66]

### 4.2 Сохтори идоракунӣ

47. Сохтори идоракунӣ ва механизмҳои амалисозӣ самарабахшии кори муштаракро баланд мебардоранд ва амалисозии батакрори як фаъолиятро коҳиш медиҳанд. Механизмҳои муваффақ шудан ба натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ инҳо мебошанд:

---

[63] Ин ба хулосаҳо, тавсияҳо ва посухи роҳбарӣ ба арзёбии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд дар Тоҷикистон асос ёфтааст, 2016-2022.

[64] Барномаи кишварӣ муҳимтарин абзори банақшагирӣ ва амалисозии фаъолияти СММ дар соҳаи рушд дар сатҳи кишварӣ мебошад. Маҷмаъи умумии (ассамблеяи генералии) СММ, мавқеъгирии таҷдидшудаи низоми рушди Созмони Милали Муттаҳид дар контексти бознигарии чаҳорсолаи ҳамаҷонибаи сиёсат дар соҳаи фаъолияти амалиётӣ барои ҳадафҳои рушд дар чаҳорчӯби низоми Созмони Милали Муттаҳид. Қатъномаи A/RES/72/279, ки 31 майи соли 2018 қабул шудааст.

[65] UNSDG, Чаҳорчӯби ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи рушди устувор, дастурамали дохилӣ, июли соли 2020.

[66] Дар мавриди БРСММ, Мақоми ҳамоҳангсози ҳукуматӣ муассисаи ҳамкорикунандаи ҳукуматиро таъйин менамояд, ки мустақиман барои иштироки Ҳукумат дар ҳар як нақшаи корӣ бо мусоидати БРСММ ҷавобгӯ мебошад. Ибораи «Шарик(он)и амалисозанда» маънои «Муассиса(ҳои) иҷрокунанда»-ро ифода менамояд, ҳамон тавре ки дар SBAA истифода шудааст. Агар дар нақшаи корӣ чанд шарики иҷрокунанда муайян шуда бошад, шарики асосии иҷрокунанда муайян карда хоҳад шуд, ки масъулияти даъват, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги умумии (барномавӣ ва молиявии) ҳамаи шарикони иҷрокунандаро, ки дар нақшаи корӣ муайян шудаанд, бар дӯши худ хоҳад дошт то саҳмгузорӣ ва амалисозии ҳамоҳангшудаи фаъолият барои муваффақ шудан ба натиҷаҳои нақшаи корӣ таъмин шавад.

- **Кумитаи роҳбарикунанда (КР)** таҳти ҳамраисии Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Ҳамоҳангсози доимии СММ, ки роҳбарии стратегиро таъмин менамояд ва самтро барои амалисозии умумии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ муайян мекунад.
- **Гурӯҳи идоракунии барномаҳо** (ГИБ) ҳамоҳангсозии техникии татбиқи Чаҳорчӯби ҳамкориро таъмин менамояд. Ин гурӯҳ муваффақ шудан ба натиҷаҳои дар нақша инъикосшудаи Чаҳорчӯби ҳамкориро назорат менамояд ва ба Кумитаи роҳбарикунандаи ва Гурӯҳи кишварии СММ атрофи масъалаҳои имкониятҳо ва масъалаҳо дар муҳити тағйирёбандаи барнома машварат медиҳад.
- **Гурӯҳҳо оид ба натиҷаҳои ниҳоӣ** (ГН) барои таъмин намудани рӯйкарди ҳамоҳангшудаи низоми СММ ба амалисозӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ оид ба натиҷаҳои интизорравандаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ мебошад. Гурӯҳи ҳамоҳангсози натиҷаҳо такмили муштарак ва ҳамоҳангиро таъмин менамояд ва аз ҷанбае низ пайгирӣ мекунанд, ки иҷрои фаъолиятҳо батакрор сурат нагирад, дар натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ холигоҳҳо боқӣ намонанд. Раиси Гурӯҳи ҳамоҳангсози натиҷаҳо роҳбари муассисаи низоми СММ мебошад ва ба ҳайати он кормандони барномавии ҳамаи муассисаҳои узви низоми СММ дохил мешаванд. Гурӯҳи ҳамоҳангсози натиҷаҳо нақшаҳои муштараки кориро таҳия менамояд, амалисозии онҳоро назорат мекунад ва дар назди Гурӯҳи кишварии СММ ҳисобот медиҳад.
- **Нақшаҳои муштараки корӣ** барои инъикос кардани натиҷаҳои ниҳоӣ бо зикри натиҷаҳо, нишондиҳандаҳо, нишондодҳои ибтидоӣ, ҳадафҳо, воситаҳои муфассали санҷиш ва фарзияҳову хавфҳо, аз ҷумла сохтори умумии буҷет.
- **Баррасиҳои солона** аз рӯи ҳар як натиҷаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва бознигарии умумии ҳарсолаи барнома. Ин ба шарикон имкон медиҳад, ки пешрафтро таҳлил кунанд, хулоса бароранд, монеаҳоро муайян намоянд ва натиҷаҳову стратегияи Чаҳорчӯби ҳамкориро бо воридсозии ислоҳот ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшӣ мутобиқ кунанд.
- **Гузориши ягонаи солона дар бораи натиҷаҳои фаъолиятҳои низоми СММ**, ки дар он натиҷаҳои воқеие, ки дар муқоиса бо натиҷаҳои зикршуда дар Нақшаҳои муштараки корӣ ба даст омадаанд, саҳмгузорӣ дар самти муваффақ шудан ба натиҷаҳои пешбиникардаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва расидан ба афзалиятҳои кишвар ва ҳадафҳои муносиби ҲРУ инъикос мешаванд.
- **Гурӯҳи коммуникатсионии СММ** (ГКСММ) барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва аёнияти натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин гурӯҳ таҷриба ва захираҳои соҳаи коммуникатсия муттаҳид карда мешаванд, ки ба беҳтарин коммуникатсияи муштарак мусоидат менамоянд.
- **Гурӯҳи идоракунии амалиётҳо** (ГИА) муваффақ шудан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи Чаҳорчӯби ҳамкориро тавассути хидматрасониҳои самарабахш дар соҳаи харид, молия, захираҳои инсонӣ, таъминот, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва идоракунии инфрасохтор дастгирӣ менамояд.

48. **Гурӯҳҳои дигар**:

(а) **Гурӯҳи мавзӯӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ**, ки барои ворид кардани уҳдадориҳои Тоҷикистон дар соҳаи баробарии гендерӣ ба ҷараёни амалисозии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ, мониторинг ва арзёбӣ кор мебарад.

## 4.3 Бо захираҳо таъмин намудани чаҳорчӯби ҳамкорӣ

49. Натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи чаҳорчӯби ҳамкорӣ аз рӯи арзиш ҳамчун як ҷузъи сохтори маблағгузории чаҳорчӯби ҳамкорӣ арзёбӣ хоҳанд шуд. Ҳукумат ва низоми СММ барои вусъат додани муносибатҳои шарикона ва рафъи ҳар гуна холигоҳҳо дар маблағгузории натиҷаҳои чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва ба таври васеътар муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор **Сохтори маблағгузории чаҳорчӯби ҳамкориро** таҳия мекунанд.[67] Стратегия ба маблағгузории муштарак

[67] Ин ба хулосаҳо, тавсияҳо ва посухи роҳбарӣ ба арзёбии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд дар Тоҷикистон асос ёфтааст, 2016-2022. 53.

ва таҳкими муносибҳои шарикона бо бахши хусусӣ, аз ҷумла донорҳои хусусӣ ва шарикони корпоративӣ, инчунин барномаҳои нави муштарак мусоидат хоҳад кард. Сарчашмаҳои нави маблағгузорӣ, аз ҷумла вариантҳои маблағгузории омехта ва таъсиргузорӣ ба муҳити сиёсӣ барои мусоидат намудан ба афзоиши воридоти захираҳо барои афзалиятҳои кишвар, ки бо ҲРУ алоқаманданд, муайян карда хоҳанд шуд.

50. Ҳукумат талошҳои низоми СММ-ро оид ба ҷамъоварии воситаҳое дастгирӣ хоҳад кард, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти чаҳорчӯби ҳамкорӣ заруранд. Ин мавридҳо дар бар мегиранд: (a) барои ба низоми СММ таъмин намудани воситаҳои молиявӣ, ки барои амалисозии ҷузъҳои маблағгузоринашудаи барнома лозиманд, ташвиқ кардани кишварҳои эҳтимолии донорӣ; (b) тасдиқ намудани талошҳои низоми СММ дар самти ҷалб намудани воситаҳои молиявӣ барои барнома аз сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла бахши хусусӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар Тоҷикистон; ва (c) дар ҳадди аксари дараҷаи ҷоиз ва мутобиқ бо қонунгузории амалкунанда иҷозат додани саҳмгузории молиявии шахсони хусусӣ, корпоратсияҳо ва хазинаҳо, ки аз андоз барои донор озод хоҳанд шуд.

51. Муассисаҳои низоми СММ таҳия ва амалисозии фаъолиятҳои чаҳорчӯби ҳамкориро, ки метавонад кумаки техникӣ, ёрии пулӣ, таъминот, молҳо ва таҷҳизот, хидматрасониҳои харид, нақлиёт, воситаҳо барои баргузории маъракаҳои иттилоотӣ, таҳқиқот ва таҳлил, машваратҳо, тарҳрезии барномаҳо, мониторинг ва арзёбӣ, чорабиниҳои таълимӣ ва дастгирии кормандонро дар бар гирад, дастгирӣ хоҳанд кард. Баъзе воситаҳо аз муассисаҳои низоми СММ метавонанд ба созмонҳои ғайридавлатӣ [ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ] тавассути ҳамоҳангсозӣ дар чаҳорчӯби нақшаҳои алоҳидаи корӣ ва санадҳои лоиҳавӣ дода шаванд.

52. Дастгирии изофӣ метавонад дастрасӣ ба системаҳои глобалии иттилоотиро, ки таҳти идоракунии низоми СММ, шабакаи идораҳои кишварии муассисаҳои СММ ва системаҳои махсусгардонидашудаи иттилоотӣ, аз ҷумла феҳристи мушовирон ва таъминкунандагони хидматрасониҳо дар соҳаи рушд, инчунин дастрасӣ ба дастгириеро дар бар гирад, ки шабакаи муассисаҳо, хазинаҳо ва барномаҳои махсусгардонидашудаи СММ таъмин менамоянд. Муассисаҳои низоми СММ кормандон ва мушовиронро барои таҳия ва дастгирӣ кардани барномаҳо, расонидани кумаки техникӣ ва мониторингу арзёбии фаъолият таъмин менамоянд.

Бо дарназардошти бозингариҳои ҳарсола ва пешрафт дар амалисозии барнома, воситаҳои молиявии муассисаҳои СММ аз рӯи солҳои тақвимӣ ва мутобиқ бо Чаҳорчӯби ҳамкорӣ тақсим карда мешаванд. Ин буҷетҳо бознигарӣ хоҳанд шуд ва дар нақшаҳои корӣ ва санадҳои лоиҳавӣ бештар муфассал инъикос хоҳанд ёфт. Бар асоси мувофиқаи муштараки байни ҳукумат ва муассисаҳои СММ, воситаҳои молиявие, ки донорҳои муассисаҳои СММ барои фаъолиятҳои мушаххас ҷудо накардаанд, метавонанд ба дигар навъҳои назарраси фаъолияти барномавӣ ихтисос дода шаванд.

## 4.4 Амалиёти оператсионӣ барои дастгирӣ кардани иҷрои чаҳорчӯби ҳамкорӣ

53. Гурӯҳи идоракунии амалиётҳои СММ (ГИА) стратегияи амалиётҳои кории (САК) худро барои дастгирии муваффақ шудан ба Чаҳорчӯби ҳамкорӣ таҷдид менамояд ва вусъат мебахшад. Ин гурӯҳ имкониятҳои нави таъмин намудани хидматрасониҳои умумиро[68], ки *боздеҳи баланд* доранд, барои ҳамоҳангсозии баъдии бизнес-амалиётҳо, оқилона будани хароҷот ва самарабахшӣ аз ҳисоби таъсири микёс, амалҳои дастаҷамъӣ ва созишномаҳои дарозмуддат мавриди омӯзиш қарор хоҳад дод.

[68] Хидматрасониҳои умумие, ки ҳамчун як ҷузъи BOS 2.0 таъсири баланд мерасонанд, UNDCO. Гурӯҳи идоракунии амалиёт (OMT) низ имкониятҳои ба таври муштарак эътироф намудани хидматрасониҳоро дар самти ба кор пазируфтани кадрҳои маҳаллӣ, харид бо дарназардошти омилҳои гендерӣ, ҷалби маъюбон ва энергияи «сабз» дар чорчӯбаи BOS меомӯзад.

## 5. Мониторинг, арзёбӣ ва омӯзиш

54. Функсияҳои мониторинг, ҳисоботдиҳӣ, арзёбӣ ва омӯзиш барои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ бар натиҷаҳои интизорравандаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва натиҷаҳо, ки дар ҷадвали натиҷаҳо (Замимаи А) инъикос ёфтааст, асос меёбанд. Нишондиҳандаҳо барои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ андозагирӣ мешаванд ва бо низоми нишондиҳандаҳо барои ҲРУ ва ҳадафҳои миллӣ дар Стратегияи миллии рушд ва дигар нақшаҳои миллӣ созгоранд. Иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияте, ки бо натиҷаҳои ниҳоӣ, фаъолиятҳо ва нишондиҳандаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ алоқаманданд, дар ЮН ИНФО таҷдид хоҳад шуд.[69] **Таҳлили умумикишварӣ** бар асоси ҳарсола барои дастгирӣ кардани раванди мониторинг, бознигарӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар доираи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ таҷдид хоҳад шуд. Барои пешниҳод намудани омори таҷдидшудае, ки бо ҲРУ алоқаманд аст, махзани додаҳо эҷод хоҳад шуд.

55. Масъулият ва пешқадамии Кумитаи роҳбарикунанда барои эҷод намудани тақозо ба иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва истифодаи он барои омӯзиш, идоракунӣ ва ислоҳи стратегияҳову захираҳо ва муваффақ шудан ба таъсири бузург зарур аст. Ҳадафҳои мониторинг, ҳисоботдиҳӣ, арзёбӣ ва омӯзиш:

- Дарк кардан, ки оё ҳадафҳо ба даст меоянд ва то чӣ андоза онҳо барои расидан ба натиҷаҳои дар нақша пешбиникардаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ мусоидат менамоянд;
- Пайгирӣ кардани нишондиҳандаҳои натиҷаҳо ва арзёбӣ кардани саҳми эҳтимолии ҳамкорӣ дар тағйирот;
- Мониторинги хавфҳо, муайянсозии маҳдудиятҳо, хулосаҳо ва таҷрибаи пешқадам, ки дар ҷараёни амалисозии ҷорӣ андӯхта шудааст;
- Мутобиқсозии натиҷаҳо ва стратегияҳо барои вокуниш нишон додан ба тағйирот дар шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва афзалиятҳои зоҳиршаванда.

### 5.1 Мониторинг

56. Кумитаи роҳбарии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва Гурӯҳи кишварии СММ барои арзёбии пешрафт дар самти ноил шудан ба натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ масъуланд. Ин тавассути мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ мутобиқи гурӯҳҳои натиҷаҳои ниҳоӣ дар муқоиса бо натиҷаҳои интизорравандаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва нишондиҳандаҳое анҷом дода мешавад, ки дар нақшаҳои кории муштарак (НКМ) ва нақшаи мониторинг, арзёбӣ ва омӯзиш (МАО) тавсиф шудаанд[70]. Чорабиниҳои асосӣ иборатанд аз: миссияҳои мониторинги муштарак, бознигарии мунтазами пешрафт бо шарикон, бознигариҳои солонаи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва низ таҳқиқоти калон ва арзёбиҳо . Ин чорабиниҳо ба шарикони ҳамкор имкон медиҳанд, ки пешрафтро дар самти натиҷаҳои пешбинишаванда, аз ҷумла хароҷоти барнома ва сафарбаркунии захираҳо пайгирӣ кунанд, ба хавфҳо баҳо диҳанд, хулосаҳо бароранд, натиҷаҳо ва стратегияҳоро барои вокуниш ба тағйирот дар муҳити барнома мутобиқ кунанд. Системаи СММ нақшаҳои ҳолатҳои фавқулоддаро барои вокуниш ба офатҳо ва ҳолатҳои фавқулодда таҷдид мекунад.

57. Татбиқ ва мониторинги самарабахш аз маълумоти тақсимбандишуда, далелҳо ва маълумоти воқеӣ дар бораи гурӯҳҳои осебпазир барои пайгирии фарогирӣ ва истифодаи онҳо аз хидматҳои асосии иҷтимоӣ ва барномаҳои дастгирии иқтисодӣ вобаста хоҳад буд. Дар ҷараёни мониторинг додаҳои расмии аз ҷониби Агентии омор ва идораҳои омори вазоратҳои соҳавӣ пешниҳодшуда, инчунин маълумоти маъмурӣ ва барномаҳо аз шарикони ҳамкорӣ истифода мешавад.

---

[69] UN INFO (ЮН ИНФО) – системаи онлайнии банақшагирӣ, мониторинг ва арзёбӣ буда, барои пайгирӣ кардани ҷанбае пешбинӣ шудааст, ки чӣ гуна низоми СММ дар сатҳи кишварӣ ба ҳукуматҳо дар амалисозии Ҳадафҳои рушди устувор ва Рӯзномаи фаъолият барои давраи то соли 2030 дастгириро таъмин менамояд. Ин система талошҳои системаи рушди СММ оид ба баланд бардоштани ҳамоҳангӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳиро инъикос менамояд.

[70] Нақшаи мониторинг, ҳисоботдиҳӣ, арзёбӣ ва омӯзиш (МҲАО)- ин санади корӣ барои нигоҳдории татбиқи Чаҳорчӯби ҳамкорӣ мебошад. Он ба таври ҷудогона дастрас аст.

58. Агентии омор ва дигар ниҳодҳои оморӣ барои ошкор ва бартараф кардани камбудиҳои асосӣ дар иттилоот ва омор оид ба нишондиҳандаҳои марбут ба Ҳадафҳои рушди устувор ва гурӯҳҳои осебпазир ва ба даст овардан ва паҳн кардани додаҳои босифати тақсимбандишуда[71] мутобиқи стандартҳои байналмилалии оморӣ дастгирӣ карда мешаванд. Фаъолияте, ки аз ҷониби системаи СММ дастгирӣ мешаванд, дар нақшаҳои кории муштарак барои ҳар як натиҷа нишон дода мешаванд.

## 5.2 Баррасии солонаи натиҷаҳои фаъолият, ҳисоботдиҳӣ ва арзёбӣ

59. Гузориши ягонаи ҳарсола дар бораи натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ бар асоси шарҳҳои ҳарсолаи самарабахшӣ таҳия карда мешавад[72]. Шарикони ҳамкорӣ метавонанд пешрафтҳои воқеиро бо натиҷаҳои интизорраванда муқоиса кунанд ва самаранокии ҳамкориҳоро дар иҷрои афзалиятҳои Тоҷикистон ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор дарк кунанд. Шарҳҳо ва гузоришҳо барои муайян кардани ислоҳот ба натиҷаҳои ҳамкорӣ, стратегияҳо ва захираҳо ҷиҳати вокуниш ба хавфҳо ва тағирёбии контексти барнома заруранд[73].

60. Арзёбии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ то охири соли 2025 аз ҷониби кумитаи роҳбарикунанда ва гурӯҳи кишварии СММ ташкил карда мешавад. Он аз ҷониби як гурӯҳи мустақили берунӣ барои арзёбӣ бо ҷалби ҳамаи шарикон ва ҷонибҳои манфиатдори Чаҳорчӯби ҳамкорӣ гузаронида мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳои бадастомада аз арзёбии барномаҳои идораҳои СММ ҳангоми баргузории арзёбии Чаҳорчӯби ҳамкорӣ истифода хоҳанд шуд. Он барои таҳияи Чаҳорчӯби ҳамкории оянда барои давраи то соли 2030 ҳамчун асос хидмат хоҳад кард[74].

[71] Дар тақсимот мутобиқи даромадҳо, ҷинс, синну сол, сатҳи таҳсил, тааллуқи этникӣ, мақоми муҳоҷиратӣ, маъюбият ва мавқеияти ҷуғрофӣ.

[72] Иттилооти таҷдидшуда дар бораи рафти кор ба Формати стандартии амалиётӣ ва принсипҳои роҳбарии UNSDG тибқи ҳисоботдиҳӣ дар бораи рафти иҷрои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ мутобиқат хоҳад кард.

[73] Барои вокуниши ба ниёзҳои пайдошаванда ё пешбининашуда дар сиёсат ва муҳити барномавии тағйирот дар натиҷаҳо ва стратегияҳои ба нақша гиририфташуда, ки дар рафти шарҳҳои ҳарсолаи натиҷаҳо ҳамоҳанг шудаанд, дар Чаҳорчӯби таҷдидшуда (Замимаи А) ё нақшаҳои кории муштарак инъикос мешаванд. UNSDG, Чаҳорчӯби ҳамкории СММ дар соҳаи рушди устувор, Роҳнамои дохилӣ, июни соли 2019, 10.

[74] Дар рафти арзёбӣ муҳим будани натиҷаҳои ҷамъбастии КФ, самарабахшӣ ва натиҷадор будани татбиқи муассисаҳои низоми СММ ва шарикон, ва низ устувории натиҷаҳо ва саҳми онҳо дар ҳалли вазифаҳои афзалиятдори кишвар ва ҳадафҳои дахлдори ҲРУ арзёбӣ мешаванд. Гурӯҳи СММ оид ба арзёбӣ (UNEG), Меъёрҳо ва стандартҳои арзёбӣ, 2016.

## Замимаи А. Матритсаи натиҷаҳо

Ба замимаи алоҳида нигаред. Матритсаи натиҷаҳо ба варианти ниҳоӣ барои имзо гузошта мешавад.

## Замимаи В. Натиҷаҳои чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва уҳдадориҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон

Дар ҷадвали зерин робитаҳои асосӣ байни натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва уҳдадориҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон оварда шудаанд. Ин шарҳи мухтасар ба таҳлили тавсияҳои Шарҳи универсалии давравӣ (ШУД) асос ёфтааст. Ин рӯйхат нусхаи ниҳоӣ нест. Ҳадаф нишон додани робитаи наздик байни натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи фаъолияти Чаҳорчӯби ҳамкорӣ ва тавсияҳои асосии оид ба ҳуқуқи инсон мебошад, ки аз ҷониби ҳукумат қабул шудааст.

| ТАВСИЯ | МЕХАНИЗМИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ |
|---|---|
| **Натиҷаи ниҳоии 1. Рушди фарогири инсонӣ** | |
| **6.176** Пешбурди тадриҷии сиёсати бомуваффақияти иҷтимоӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, махсусан гурӯҳҳои осебпазир (Ҷумҳурии Боливариани Венесуэла); | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.177** Такмил додани воситаҳои ҳифзи одамон дар ҳолатҳои осебпазир ё дар робита ба ҳуқуқ ба ғизохурӣ мавриди хавф қарор мегиранд (Алҷазоир); | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.178** Андешидани тадбирҳои оянда оид ба беҳтар намудани некӯаҳволӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Белорус) | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.182** Дида баромадани имкониятҳо ҷиҳати афзоиши маблағҳои буҷетӣ барои бахши тандурустӣ, махсусан барои хадамоти ҳифзи модару кӯдак (Тимор-Лесте); | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.183** Давом додани кӯшишҳо барои зиёд кардани дастрасии аҳолӣ ба ёрии асосии тиббӣ, махсусан дар деҳот (Бангладеш); | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.187** Бартараф кардани нобаробарӣ дар дастрасӣ ба об ва санитария ва қонеъ кардани ниёзҳои гурӯҳҳои бештар осебпазири аҳолӣ (Финляндия); | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.232** Беҳтар намудани дастрасӣ ба таъминоти иҷтимоии шахсони маъюб(Малайзия); | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **Натиҷаи ниҳоии 2. Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисодӣ** | |
| **6.103** Идомаи татбиқи барномаҳои рушди маҳоратҳо барои мусоидат ба иштироки иқтисодии ҷавонон ва занон (Филиппин). | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.109** Давом додани мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум барои фароҳам овардани заминаи мустаҳкам барои татбиқи ҳуқуқи инсон (Чин). | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **Натиҷаи ниҳоии 3. Идоракунии ҳамгирошудаи иқлим ва хавфҳои экологӣ** | |
| **6.110** Таҳкими заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ ҷиҳати таъмини татбиқи ҳуқуқ ба муҳити зисти солим, тоза ва устувор (Коста-Рика). | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.112** Таъмини иштироки фаъоли занон, кӯдакон, шахсони маъюб ва ҷомеаҳои маҳаллӣ дар таҳия ва татбиқи барномаҳои қолабии тағирёбии иқлим ва коҳиши хатари офатҳои табиӣ (Фиҷӣ). | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **Натиҷаи ниҳоии 4. Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда** | |
| **6.104** Фаъолсозии талошҳо барои мубориза бо коррупсия (Полша). | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |
| **6.143** Худдорӣ намудан аз ҷорӣ кардани маҳдудият нисбат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мудофеони ҳуқуқ (Полша). | **A/HRC/WG.6/39/L.7(ШУД 2021)** |

## Замимаи С. Замимаи ҳуқуқӣ

Ин замимаи ҳуқуқӣ ба ҳамкорӣ, кӯмак ва дигар созишномаҳое дахл дорад, ки асоси мавҷудаи ҳуқуқӣ барои муносибатҳои байни Ҳукумати Тоҷикистон ва ҳар як муассисаи СММ мебошанд, ки кишварро дар татбиқи Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор барои солҳои 2023-2026 дастгирӣ мекунанд.
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд «Ҳукумат») муносибатҳои зеринро ба роҳ мондааст:

| Идора | Созишнома |
|---|---|
| ФАО | Созишнома дар бораи таъсиси Намояндагии ФАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби ФАО ва Ҳукумат моҳи майи соли 2016 баста шуда буд ва муқаррароти Конвенсияи соли 1947 дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳои муассисаҳои махсусгардонидашуда ба Намояндагии ФАО дар Тоҷикистон ва ФАО кормандон, маблағҳо, амвол ва дороиҳо ва безарар нигоҳ доштани ФАО дар робита ба даъвоҳо ё амалиёте, ки дар доираи Созишномаи мазкур бармеоянд (ба истисной ҳолатҳое, ки ФАО ва Ҳукумат розӣ ҳастанд, ки чунин даъвоҳо ё дороиҳо аз хунукназарии дағалона ё рафтори қасдан ба вуҷуд меоянд). |
| Созмони Байналхалқии Муҳоҷират | Созишнома дар бораи ҳамкорӣ, ки байни Ҳукумат ва СБМ 26 ноябри соли 1993 баста шудааст.[75] |
| ЮНЭЙДС | Созишноми генералии СММ байни Ҳукумат ва ЮНЭЙДС дар бораи таъсиси дафтари ЮНЭЙДС дар соли 2006. |
| Барномаи Рушди СММ | Созишномаи стандартии бунёдӣ дар бораи кӯмак (SBAA) байни Ҳукумат ва БРСММ 1 октябри соли 1993 имзо шудааст. Мутобиқи банди 2 моддаи 1 Созишнома кумаки БРСММ ба Ҳукумат мутобиқи қатъномаҳо ва қарорҳои дахлдор ва татбиқшавандаи мақомоти салоҳиятдори БРСММ ва бо шарти мавҷудияти маблағҳои зарурӣ аз ҷониби БРСММ расонида ва қабул карда мешавад. Аз ҷумла, бо қарори 2005/1 аз 28 январи соли 2005 Шӯрои Иҷроии БРСММ Муқаррарот ва қоидаҳои нави молиявӣ ва ҳамроҳ бо онҳо мафҳумҳои нави «иҷро» ва «амалисозиро» тасдиқ кард, ки ба БРСММ имкон медиҳанд, ки Тартиботи нави Барномасозии кишвариро пурра татбиқ намоянд, ки натиҷаи ташаббуси Гурӯҳи рушди СММ ҷиҳати соддагардонӣ ва ҳамоҳангсозӣ ба ҳисоб меравад. Дар партави ин қарор, Чаҳорчӯби ҳамкории мазкур ҳамроҳ бо нақшаи корӣ (ки қисми ин барнома мебошад ва аз тариқи истинод ба он ворид шудааст), ки мутобиқи ин ҳуҷҷат баста шудааст, ҳуҷҷати лоиҳавиро ташкил медиҳад, ҳамон гуна, ки дар SBAA зикр шудааст. |
| ЮНЕСКО | Ҳукумат муқаррароти Конвенсия дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳои муассисаҳои махсусгардонидашудаи соли 1947 ва Замимаи IV-ро вобаста ба ЮНЕСКО татбиқ мекунад. Кӯмак ба Ҳукумат тибқи қатъномаҳо ва қарорҳои дахлдор ва татбиқшавандаи сохторҳои роҳбарикунандаи ЮНЕСКО расонида ва қабул карда мешавад. |
| ЮНФПА | Мутобиқи SBAA бо ислоҳотҳо байни Ҳукумат ва БРСММ қобили татбиқ мебошад. |

[75] Ин дар бар мегирад: (1) Тафоҳумнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони байналмилалии муҳоҷират барои мубориза бо савдои одамон, ки 31 январи соли 2006 тасдиқ шудааст.

| Идора | Созишнома |
|---|---|
| Комиссариати олии СММ оид ба гурезаҳо | Созишнома дар бораи ҳамкорӣ бо кишвар, ки байни Ҳукумат ва Комиссариати олии СММ оид ба гурезаҳо 08 майи соли 2003 имзо шудааст. |
| ЮНИСЕФ | Созишномаи ҳамкории асосӣ (СҲА) байни Ҳукумат ва ЮНИСЕФ 17 августи соли 1994 баста шудааст. |
| ЮНИДО | Муқаррароти Созишномаи стандартии кӯмаки асосӣ байни Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва Ҳукумат, ки 1 октябри соли 1993 ба имзо расида ва эътибор пайдо кардааст, мутобиқ ба ҳамаи лоиҳаҳо ва барномаҳои ЮНИДО дар Тоҷикистон бо ислоҳотҳо татбиқ карда мешаванд. |
| Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ | Мутобиқи SBAA бо ислоҳотҳо байни Ҳукумат ва БРСММ қобили татбиқ мебошад. |
| ЮНОПС | Байни Ҳукумат ва ЮНОПС 1 июли соли 2019 мубодилаи мактубҳо сурат гирифт ва мувофиқан шартҳои SBAA БРСММ бар асоси ислоҳоти дахлдор сурат мегирад. |
| Ихтиёриёни СММ | Мутобиқи SBAA бо ислоҳотҳо байни Ҳукумат ва БРСММ қобили татбиқ мебошад. |
| СММ Занон | SBAA, ки байни Ҳукумат ва БРСММ баста шудааст, бо тағйироту иловаҳо, ба фаъолият ва кормандони “СММ Занон” татбиқ мешавад. Кӯмак ба Ҳукумат мутобиқи қатъномаҳо ва қарорҳои дахлдор ва татбиқшавандаи сохторҳои роҳбарикунандаи Созмони СММ Занон расонида ва қабул карда мешавад. |
| Барномаи Озуқавории Ҷаҳонӣ | Созишномаи асосӣ байни Ҳукумат ва БОҶ, ки 14 июли соли 2003 имзо шудааст. |
| Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ | Созишномаи асосӣ байни Ҳукумат ва ТУТ дар бораи барпо кардани муносибатҳо дар соҳаи ҳамкории техникӣ ва машваратӣ, ки соли 1994 баста шудааст. |
| Барои ҳамаи идораҳои СММ, аз ҷумла Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ (ИФАД), Ташкилоти байналхалқии меҳнат, Дафтари комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, ЮНКТАД, Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ ва Раёсати СММ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ кӯмак ба Ҳукумат мутобиқи қатъномаҳо ва қарорҳои дахлдор ва татбиқшавандаи сохторҳои роҳбарикунандаи муассисаи салоҳиятдори СММ расонида ва қабул карда мешавад. | |

a. **Чаҳорчӯби ҳамкорӣ** нисбат ба ҳар як ниҳоди ҳуҷҷат имзокардаи системаи Созмони Милали Муттаҳид мутобиқи созишномаи асосӣ байни ин ниҳоди системаи Созмони Милали Муттаҳид ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳисобида, тафсир ва татбиқ карда мешавад.

b. Ҳукумат уҳдадориҳои худро мувофиқи муқаррароти созишномаҳои ҳамкорӣ ва кӯмак иҷро мекунад, ки дар банди «Асоси робитаҳои мутақобил» дарҷ шудаанд.

c. Ҳукумат бидуни зарар ба ин созишномаҳо муқаррароти дахлдори Конвенсия дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳои Созмони Милали Муттаҳид (“Конвенсияи умумӣ”) ё Конвенсия дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳои муассисаҳои махсусгардонидашударо (“Конвенсия дар бораи муассисаҳои

махсусгардонидашуда”) ба моликият, хазинаҳо ва дороиҳои муассисаҳо ва шахсони мансабдори онҳо шахсони алоҳида ва коршиносони дар миссияҳо қарордошта татбиқ мекунад.

d. Ҳукумат инчунин ба муассисаҳо ва шахсони мансабдори онҳо ва дигар шахсоне, ки аз номи муассисаҳо хизмат мерасонанд, имтиёзҳо, масуниятҳоеро таъмин мекунад, ки дар созишномаҳои ҳамкорӣ ва кӯмак байни муассисаҳо ва ҳукумат пешбинӣ шудаанд. Ғайр аз ин, дар назар дошта мешавад, ки ҳамаи ихтиёриёни Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун шахсони мансабдори муассисаҳо муносибат мекунанд ва ба имтиёзҳо ва масуниятҳое ҳуқуқ доранд, ки мутобиқи Конвенсияи умумӣ ё Конвенсия дар бораи муассисаҳои махсусгардонидашуда ба ин гуна мансабдорон дода шудаанд. Ҳукумат барои баррасии ҳама гуна даъвоҳое масъулият дорад, ки мумкин аст аз тарафи ҷонибҳои сеюм нисбат ба ҳар як муассиса, шахсони мансабдори онҳо, коршиносони дар миссия қарордошта ё дигар шахсоне пешниҳод шаванд, ки аз номи онҳо хидмат мерасонанд ва онҳоро аз масъулият нисбат ба ҳама гуна даъвоҳо ва уҳдадориҳои пайдошуда дар натиҷаи амалиётҳо дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ ва кӯмак озод хоҳад кард, ба истиснои ҳолатҳое, ки Ҳукумат ва муассисаи мушаххас тибқи мувофиқати мутақобил чунин ҳисоб мекунанд, ки ин гуна даъво ва уҳдадориҳо дар натиҷаи хунукназарии дағалона ё амалҳои ғайриқонунии ин муассиса ё мансабдорон, мушовирон ё шахсони хизматрасони он пайдо мешаванд.

e. Ҳукумат бидуни зиён ба умумияти гуфтаҳои дар боло зикршуда, муассисаро аз ҷавобгарии шаҳрвандӣ мутобиқи қонунгузории кишвар нисбат ба воситаҳои нақлиёте, ки аз ҷониби муассисаҳо пешниҳод шудаанд, вале таҳти назорат ё истифодаи Ҳукумат қарор доранд, суғурта ё ҷуброн мекунад.

f. Ҳеҷ чиз дар Созишномаи мазкур ба маънои даст кашидани Созмони Милали Муттаҳид ё ягон муассиса ё созмонҳои он аз имтиёзҳо ё масуниятҳое нест, ки онҳо доранд, ё эътироф кардани юрисдиксияи судҳои ҳар кишвар нисбат ба баҳсҳое нест, ки аз ин Созишнома бармеоянд.

g. Ҳеҷ чиз дар ин ҳуҷҷат ё вобаста ба ин ҳуҷҷат набояд ҳамчун даст кашидан аз имтиёзҳо ва масуниятҳои Созмони Милали Муттаҳид ва мақомоти ёрирасони он, аз ҷумла БОҶ баррасӣ шавад, хоҳ он мувофиқи Конвенсия дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳои Созмони Милали Муттаҳид аз 13 феврали соли 1946 ва хоҳ Конвенсия дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳои муассисаҳои махсусгардонидашуда аз 21 ноябри соли 1947 бошад, вобаста ба вазъият ва ҳеҷ муқаррараи ҳуҷҷати мазкур ё ҳар Шартнома ба тавре ё ба чунин андоза шарҳ дода намешаванд, ки бо ин гуна имтиёзҳо ва масуниятҳо зиддият дошта бошанд.

## Рӯйкарди ҳамоҳангшуда нисбат ба интиқоли маблағҳо (НАСТ)

a. Кӯмаки пули нақд барои сафар, стипендия, гонорар ва дигар хароҷот бо меъёрҳое муқаррар мешаванд, ки онҳо бо меъёрҳои кишвар истифодашаванда ҳамандоза мебошанд, вале на бештар аз меъёрҳое мебошанд, ки дар системаи СММ истифода мешаванд (тавре ки дар низоми гардишии ICSC зикр шудаанд).

b. БРСММ, ЮНФПА, ЮНИСЕФ ва СММ Занон аз рӯйкарди ҳамоҳангшудаи интиқоли пули нақд (НАСТ) истифода мебаранд. Ҳама интиқолҳои пули нақд ба шарик вобаста ба амалисозӣ дар асоси нақшаҳои кории байни шарик-иҷрокунанда ва муассисаҳои системаи СММ мувофиқашуда сурат мегирад.

c. Интиқоли пули нақд барои фаъолиятҳое, ки дар нақшаҳои кории муштарак муфассал оварда шудаанд, мумкин аст аз ҷониби муассисаҳои системаи СММ бо истифода аз механизмҳои зерин амалӣ карда шаванд:

1. Воситаҳои пулие, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интиқол ба шарик-иҷрокунанда дода шудаанд:

    а. Пеш аз оғози амалиёт (интиқоли мустақими пул) ё

    б. Пас аз анҷоми фаъолият (ҷуброн).

2. Пардохтҳои мустақим ба таъминкунандагон ё шахсони сеюм барои уҳдадориҳои шарикони иҷрокунанда, ки дар асоси аризаҳое пайдо шудаанд, ки аз ҷониби корманди ваколатдори шарик-иҷрокунанда имзо шудааст.

3. Пардохти мустақим ба таъминкунандагон ё шахсони сеюм барои уҳдадориҳое, ки муассисаҳои системаи СММ барои дастгирии фаъолиятҳое харҷ кардаанд ва инро бо шарикони иҷрокунанда мувофиқа кардаанд.

d. Интиқоли мустақими пули нақд ба давраи амалисозии барнома дархост карда ва дода мешавад ва он набояд аз се моҳ бештар бошад. Ҷуброни хароҷотҳои қаблан тасдиқшуда дар ҳар семоҳа ё баъди анҷоми фаъолият дархост ва дода мешавад. Муассисаҳои системаи СММ уҳдадор нестанд, ки хароҷотеро ҷуброн намоянд, ки аз ҷониби шарик-иҷрокунанда зиёдтар аз маблағи тасдиқшуда харҷ шудааст. Пас аз анҷоми ҳама гуна фаъолият, ҳама гуна воситаҳои боқимонда бояд баргардонида шаванд ё бо мувофиқаи тарафайн байни шарик-иҷрокунанда ва муассисаҳои системаи СММ барномарезӣ карда шаванд.

e. Тарзҳои интиқоли воситаҳои пулӣ, ҳаҷми пардохтҳо ва ҳам ҳаҷм ва басомади чорабиниҳо барои таъмини кафолатҳо аз натиҷаҳои арзёбии иқтидори идоракунии воситаҳои молиявии давлатӣ дар мавриди шарик-иҷрокунандаи давлатӣ ва баҳодиҳии иқтидори идоракунии воситаҳои молиявии шарик-иҷрокунандаи берун аз системаи СММ вобаста аст[76]. Мушовири соҳибихтисос, масалан, ширкати аудиторӣ, ки аз ҷониби системаи СММ интихоб шудааст, метавонад чунин арзёбиро анҷом диҳад, ки дар он шарик-иҷрокунанда бояд иштирок кунад. Шарик-иҷрокунанда метавонад дар интихоби мушовир иштирок намояд.

[76] Барои ҳадафҳои муқаррароти мазкур СММ МФИ-ро фаъол месозад.

f. Методи интиқоли пардохт, маблағи пардохтҳо, ҳаҷм ва басомади чорабиниҳо барои таъмини кафолат мумкин аст дар рафти амалисозиии барнома дар асоси натиҷаҳои мониторинги барнома, мониторинги хароҷот ва ҳисоботдиҳӣ ва аудитҳо аз нав дида баромада шаванд.

g. Дар сурати интиқоли мустақими пул ё ҷуброн, муассисаҳои низомии СММ шарик-иҷрокунандаро дар бораи маблағе, ки муассисаҳои системаи СММ тасдиқ кардаанд, огоҳ мекунанд ва маблағро дар давоми 14 рӯз ба шарик-иҷрокунанда пардохт мекунанд.

h. Дар сурати пардохтҳои мустақим ба таъминкунандагон ё ҷонибҳои сеюм барои уҳдадориҳои аз ҷониби шарикон-иҷрокунандагон ба зимма гирифташуда дар асоси аризае, ки аз ҷониби корманди ваколатдори шарик-иҷрокунанда имзо шудааст; ё ба таъминкунандагон ё ҷонибҳои сеюм барои уҳдадориҳои аз ҷониби муассисаҳои системаи СММ оид ба дастгирии фаъолиятҳое, ки бо шарикон-иҷрокунандагон мувофиқа шудаанд, муассисаҳои системаи СММ дар давоми 14 рӯз маблағро пардохт хоҳанд кард.

i. Муассисаҳои системаи СММ тибқи созишномаҳои шартномавӣ байни шарики иҷрокунанда ва таъминкунандаи ҷонибӣ масъулияти мустақим надоранд.

j. Агар муассисаҳои системаи СММ ба як шарик-иҷрокунанда маблағ пешниҳод кунанд, мониторинги барнома, мониторинги молиявӣ ва аудит якҷоя ё ҳамоҳангшуда бо ин муассисаҳои системаи СММ гузаронида мешаванд.

k. Ҳисоботи стандартӣ дар бораи тасдиқи воситаҳо ва хароҷоти маблағҳо (FACE), ки самти фаъолияти нақшаҳои кории муштаракро инъикос мекунад, аз ҷониби шарикони иҷрокунанда барои дархости азхудкунии маблағҳо ё ба даст овардани ризоият дар бораи он, ки муассисаи СММ хароҷоти ба нақша гирифташударо ҷуброн мекунад ё бевосита пардохт мекунад, истифода мешавад. Шарикони иҷрокунанда FACE-ро барои ҳисобот дар бораи истифодаи маблағҳои гирифташуда истифода хоҳанд бурд. Шарики иҷрокунанда бояд шахсони мансабдори таъйиншударо муайян кунад, ки барои пешниҳоди маълумоти муфассали суратҳисоб, дархост ва тасдиқи истифодаи маблағҳо ваколатдор мебошад. FACE аз ҷониби шахси мансабдори таъйиншуда тасдиқ карда мешавад.

l. Маблағҳое, ки ба шарикони иҷрокунанда интиқол дода мешаванд, бояд танҳо барои мақсадҳои фаъолият ва дар муҳлатҳои дар нақшаҳои корӣ (НК) мувофиқашуда сарф карда шаванд.

m. Маблағҳои аз ҷониби Ҳукумат ва СҒД-и миллӣ, шарики иҷрокунанда гирифташуда бояд тибқи қоидаҳо, сиёсатҳо ва расмиёти миллии муқарраршуда мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ истифода шаванд, аз ҷумла сарфи маблағҳо барои фаъолиятҳое, ки дар НК мувофиқа шудаанд ва пешниҳоди ҳисобот оид ба истифодаи ҳамаи воситаҳои пулии дарёфтшуда, ба идораи дахлдори СММ дар давоми шаш моҳ пас аз гирифтани маблағ, агар ҳолати дигар дар талаботи муассиса пешбинӣ нашуда бошад. Агар яке аз муқаррарот, сиёсатҳо ва расмиёти миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат накунад, қоидаҳои молиявӣ ва дигар қоидаҳо, муқаррарот, сиёсатҳо ва расмиёти муассисаҳои СММ татбиқ карда мешаванд.

n. Агар шарикони иҷрокунанда СҒД, СҶШ ва созмонҳои байниҳукуматии байналмиллалӣ бошанд, маблағҳои гирифташуда бояд мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ истифода шаванд, аз ҷумла, таъмини сарфи маблағҳо барои фаъолиятҳои дар НК мувофиқашуда ва пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба истифодаи пурра аз ҳамаи маблағҳои гирифташуда ба муассисаи СММ дар давоми шаш моҳи баъди гирифтани маблағ, агар ҳолати дигар дар талаботи муассиса пешбинӣ нашуда бошад.

o. Барои осон кардани баргузории аудитҳои нақшавӣ ва махсус, ҳар як шарики иҷрокунанда, ки аз муассисаи системаи СММ пули нақд мегирад, ба муассисаи СММ ё намояндаи он сари вақт ба нишонии зерин маълумот пешниҳод мекунад:

» Ҳама сабтҳои молиявие, ки сабти муомилоти интиқоли пулро муқаррар мекунанд, ки аз ҷониби муассисаи системаи СММ дарякҷоягӣ бо ҳуҷҷатҳои дахлдор пешниҳод карда мешаванд.

» Ҳама ҳуҷҷатҳои дахлдор ва кормандони марбут ба фаъолияти сохтори назорати дохилии шарикони иҷрокунанда, ки маблағҳо ба онҳо интиқол шудаанд.

p. Хулосаҳои ҳар як санҷиши аудиторӣ ба маълумоти шарики иҷрокунанда ва муассисаи СММ расонида мешаванд. Илова бар ин, ҳар як шарики иҷрокунанда:

» Ҳисоботи аудиториро, ки аудиторҳо таҳия намудаанд, дарёфт мекунад ва меомӯзад,

» Сари вақт аризаро дар бораи қабул ё рад кардани ҳама гуна тавсияҳои аудиторӣ аз ҷониби муассисаи СММ, ки воситаҳои пулиро пешниҳод кардааст ва ташкилоти аудиторӣ пешниҳод намояд, пеш аз он, ки онро ба муассисаи СММ ирсол кунад,

» Чораҳои саривақтӣ барои иҷрои тавсияҳои қабулкардаи аудит андешад,

» Дар бораи амалҳое, ки барои иҷрои тавсияҳои қабулшуда пеш гирифтааст, ба муассисаҳои системаи СММ ва ташкилоти аудиторӣ ҳар семоҳа ё мутобиқи созишномаи маҳаллӣ ҳисобот диҳад.

q. Санҷишҳои аудиторӣ бо супориши муассисаҳои СММ ва хадамоти сеюми аудиторӣ гузаронида мешаванд.

r. Шарикони иҷрокунанда розӣ мешаванд, ки бо муассисаҳои СММ барои мониторинги ҳамаи чорабиниҳои вобаста ба интиқоли пул ҳамкорӣ кунанд ва барои дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои дахлдори молиявӣ ва кормандони масъули идоракунии воситаҳои пулии аз ҷониби муассисаҳои СММ пешниҳодшуда мусоидат кунанд. Бо ин мақсад шарикони иҷрокунанда ба мувофиқа расиданд:

1. Санҷишҳои давравӣ дар маҳалҳо ва санҷишҳои интихобии ҳуҷҷатҳои молиявии муассисаи СММ ё намояндагони онҳо, аз рӯи зарурат ва мутобиқи муқаррароти мушаххаси ҳуҷҷатҳои меҳнатӣ/шартномаҳои онҳо бо муассисаҳои СММ;

2. Мониторинги барномавии фаъолиятҳо мутобиқи стандартҳо ва роҳнамоии муассисаҳои СММ оид ба боздид аз иншоотҳо ва мониторинг дар маҳалҳо;

3. Санҷишҳои аудитории махсус ё нақшавӣ. Ҳар як муассисаи СММ дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои низоми СММ (дар мавридҳои зарурӣ ва машварат бо вазорати дахлдори ҳамоҳангсоз) нақшаи солонаи аудитро таҳия мекунад, ба аудити он шарикони иҷрокунанда афзалият медиҳанд, ки бо миқдори зиёди кӯмакҳои пулие кор мекунанд, ки аз ҷониби муассисаҳои СММ пешниҳод мешаванд ва онҳое, ки иқтидори идоракунии молиявии онҳо ба тақвият ниёз дорад.